УДК 33Т
ББК 65.9

# ҶАНБАЪҲОИ НИҲОДШИНОСИИ МАХСУСИЯТИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Садриддинов Манучехр Исломиддинович*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, и.в. директори Филиали МДТ "Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат" дар ш. Хуҷанди вилояти Суғд, e-mail: sadrman_s@mail.ru.*

# ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ СПЕЦИАЛИЗАЦИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

***Садриддинов Манучехр Исломиддинович*** *– кандидат эканамических наук доцент, и.о. директора Филиала ГОУ "Институт туризма, предпринимательства и сервиса" в г. Худжанде Согдийской области, e-mail: sadrman_s@mail.ru.*

# INSTITUTIONAL ASPECTS OF SPECIALIZATION IN THE ECONOMIC INTEGRATION OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES IN MODERN CONDITIONS

***Sadriddinov Manuchehr Islomiddinovich*** *- Candidate of Economic Sciences, Head of the Branch of the Institute of tourism, entrepreneurship and service in the city of Khujand Sughd region. Republic of Tajikistan, Khujand city, e-mail: sadrman_s@mail.ru.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *ниҳодшиносӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, ҷараёнҳои ҳамгироӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтидори иқтисодӣ.*

*Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ҳамгироии иқтисодӣ дар асоси унсурҳои ниҳодшиносӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Қайд мегардад, ки ҳамгироии иқтисодӣ дар баробари омилҳои таъсиррасонии иқтисодӣ, инчунин зери таъсири омилҳои ғайриқтисодӣ низ метавонад ташаккул ёбад. Пешниҳод карда мешавад, ки механизми амалкарди ҳамгироии иқтисодӣ ниҳодшиносӣ баромад намуда, он дар ташаккул ва густариши муносибатҳои иқтисодии байни давлатҳои Осиёи Марказӣ мавриди истифода қарор дода шавад ва он аз ҳисоби унсурҳои ниҳодӣ, ба монанди урфу одат, расму оин, анъана фаъолияти субъектҳои иқтисодиро беҳтар гардонад. Дар мақола инчунин таъкид мегардад, ки рушди устувори иқтисодию иҷтимоии ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ вобаста аз густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, афзоиши қувваҳои истеҳсолкунанда, шаклҳои махсусгардонӣ, диверсификатсияи истеҳсолот, мувофиқаткунонӣ кооператсия ва аз ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ вобастагӣ доранд. Муҳтавои асосии мақола дар он аст, ки таъминоти ниҳодии ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ нишон медиҳад, ки дар фазои минтақаи таҳқиқгардида ниҳодҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, низоми таъминоти ташкилӣ-ҳуқуқии ҳамгироии иқтисодӣ, мақомотҳои давлатӣ ва байнидавлатӣ ва низоми таъминоти ниҳодӣ гуногун буда, механизмҳои қабули қарорҳои идоракунӣ ва ҳамкорӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.*

***Ключевые слова:*** *институционализм, экономическая интеграция, интеграционные процессы, региональная экономика, Центральная Азия, Республика Таджикистан, экономический потенциал.*

*В статье исследуются теоретические и методологические аспекты экономической интеграции на основе институциональных аспектах. Отмечается, что экономическая интеграция наряду с экономическими факторами воздействия также может быть создана и на основе неэкономических факторов. В качестве механизма реализации экономической интеграции предлагается институциональные основы, которые поспособствует формированию и развитию экономических отношений между странами Центральной Азии за счёт институциональных составляющих, таких как традиции, обычаи в обществе, нормы поведения, и тем самым, оптимизирует экономическую деятельность субъектов экономики. Устойчивый экономический рост социально-экономического положения экономики стран Центральной Азии зависит от продвижения экономических отношений, увеличения производительных сил, видов специализации, диверсификации производства, комбинирование, кооперации и интеграции на региональном уровне. Основная идея статьи заключается в том, что институциональное обеспечение экономической интеграции на региональном уровне показывает, что в пространстве изучаемого региона деятельность институтов, организаций, учреждений, организационно-правовое обеспечение экономической интеграции, государственные и*

*межгосударственные ведомства и система институционального обеспечения не идентичны и механизм принятия управленческих решений и сотрудничества отличаются.*

***Key words:** institutionalism, economic integration, integration processes, regional economy, Central Asia, Republic of Tajikistan, economic potential.*

*The article examines the theoretical and methodological aspects of economic integration based on institutional aspects. It is noted that economic integration, along with economic impact factors, can also be created on the basis of non-economic factors. As a mechanism for the implementation of economic integration, an institutional framework is proposed that will contribute to the formation and development of economic relations between the countries of Central Asia at the expense of institutional components, such as traditions, customs in society, norms of behavior, and thereby optimizes the economic activity of economic entities. The article also notes that the sustainable economic growth of the socio-economic situation of the economies of the Central Asian countries depends on the promotion of economic relations, the increase in productive forces, types of specialization, diversification of production, combination, cooperation and integration at the regional level. The main idea of the article is that the institutional support of economic integration at the regional level shows that in the space of the studied region, the activities of institutions, organizations, institutions, organizational and legal support of economic integration, state and interstate agencies and the institutional support system are not identical and the mechanism of managerial decision-making and cooperation differ.*

Баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ва аз Иттиҳоди Шӯравӣ ҷудо гардидан ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Турманистон) фазои иқтисодии ин минтақаҳо вобаста аз таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва институтсионалӣ тағйир ёфт. Пароканда гаштани фазои ягонаи иқтисодӣ ба он оварда расонид, ки дар минтақа ҳадафҳои олии ягонаи иқтисодӣ, афзалият ва авлавиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар сатҳи давлатҳои алоҳида низ дигаргун гардиданд. Ҳамзамон, марҳилаи аввали тағйирёбӣ ба он оварда расонид, ки таъиноти воситаҳои истифодашаванда, маблағҳои махсуси дарихтиёрбуда ва сиёсати иқтисодии ҳар як давлат дар алоҳидагӣ самаранок мавриди истифода қарор дода шаванд. Дар давраи минбаъда зарурат ба вуҷуд омад, ки муносибатҳои иқтисодӣ барпо гардонида шаванд ва ба иттиҳодияҳои гуногуни минтақавӣ ҳамгироии иқтисодӣ ба роҳ монда шавад. Сабаби асосии ин гуна ҳамгироӣ дар он зоҳир мегардад, ки халқият ва мардуми минтақаи таҳқиқгардида аз лиҳози бисёр омилҳои институтсионалӣ ҳамвора мушоҳида карда мешаванд.

Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар доираи иттиҳодияҳои ҷамъиятии давлатӣ, ассотсиатсияҳо ва дигар намуди ҳамгироӣ вобаста ба масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ муттаҳид шуда, вобаста аз манфиатҳои худ гирди ҳам омаданд. Ҳамзамон, манфиатҳои асосии ин гуна ҳамгироиро асосҳои институтсионалӣ ташкил медиҳанд, ки аз як тараф дарбаргирандаи урфу одат ва расму оин, аз тарафи дигар бошад, маҷмӯи санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Ниҳодшиносӣ ҳамчун раванд, ҷараён ва мактаби иқтисодӣ шинохта шудааст, ки онро метавон ҳамчун механизми амалкард ва ҳамгиро дар ташаккул ва густариши муносибатҳои иқтисодии байни давлатҳо мавриди истифода қарор дод. Дар баробари ин, назария ва методологияи омӯзиши институтсионализм дарбаргирандаи урфу одат, расму оин, хислат ва дигар унсурҳои иҷтимоӣ мебошад, ки тавассути он вазъи иқтисодии давлатро метавон танзим ва назорат намуд. Ба ибораи дигар, он ҳамчун маҳаки рушди иқтисодии давлат аст, ки дар баробари таъсири омилҳои иқтисодӣ, инчунин таъсири омилҳои ғайриқтисодии рушд ва тараққиёти иқтисодиро метавонад инъикос намояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ ниҳодшиносиро, чӣ гунае, ки маъхазҳои илмӣ нишон медиҳанд, ҳамчун маҷмааи меъёрӣ-ҳуқуқие, ки танзимкунандаи рафтори шахсони алоҳида баромад менамояд, мешиносанд. Ҳамзамон, онҳо ҳамчун алоқамандии устувори сохтори вазъ ва мавқеи ҳаёти шаҳрвандон баррасӣ карда мешаванд [4, с.112]. Дар баробари ин аз таҳқиқоти анҷомдодаи Г. Б. Клейнер бармеояд, ки ниҳодҳо на танҳо ба рафтори субъектҳои иҷтимоӣ, инчунин бар асоси фаҳмиши фаъолияти онҳо низ таъсир мерасонанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки ниҳодҳо дар баробари ба вуҷуд овардани унсурҳои ҳавасмандӣ, инчунин монеаҳоро дар шакли қонунгузории амалкунанда барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ба вуҷуд меоранд.

Дар назари аввал ниҳодшиносӣ бештар ҷанбаҳои ҳуқуқиро доро мебошад, вале аз таҳқиқоти анҷомдодаи олимони маъруфи хориҷӣ, аз ҷумла Роберт Коуз маълум мегардад, ки

ҳалли масъалаҳои хароҷоти трансаксионӣ, хароҷоти мубодилаи бозорӣ, ҷараёнҳои дохилифирмавӣ, сохтори ташкилӣ, бастани шартномаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бештар ба самти илмҳои иқтисодӣ тааллуқ доранд [5, с.68].

Бояд қайд намуд, ки дар ҷомеа бисёр масъалаҳое вомехӯранд, ки миёни илмҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ омезиш ёфтаанд. Масалан, ҳалли масъалаҳои моликият ва шаклҳои он, неъматҳои ҷамъиятӣ (моддӣ ва маънавӣ), иҷроиши бандҳои шартномаҳои муносибатҳои иқтисодию молиявӣ ва ғ. Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки феълан муаммоҳои ҷойдошта хусусиятҳои таркибии ҳамаи илмҳои дар боло зикргардида ва дигар бахшҳо, аз ҷумла иҷтимоӣ-фарҳангӣ, таърихӣ ва фалсафиро доро мебошанд.

Ҳамин тариқ, ниҳодшиносӣ ва ниҳодҳо барои беҳтар намудани муносибатҳои субъектҳо (агентон)-и иқтисодӣ чунин вазифаҳоро метавонанд иҷро намоянд:

- Ба эътидол овардани рафтор ва муносибатҳои субъектҳои алоҳидаи ҷомеа натанҳо аз ҳисоби манфиатҳои шахсӣ, инчунин аз ҳисоби манфиатҳои давлат ва миллат;
- ба вуҷуд овардани муҳити солим ва фазои ягона баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои олии давлат, ҷомеа ва шахсони алоҳида ба хотири рушди устувори иқтисодӣ;
- аз ҳисоби ташаккули қоидаҳо ва меъёрҳои тарҳрезигардида танзими маълумот ва баробарии он;
- ба вуҷуд овардани фаъолияти нави иқтисодӣ бо дарназардошти ташаббускориҳои шахсони алоҳида.

Шапкин В. В. ҷанбаҳои методологии ниҳодшиносиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулосае меояд, ки ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ инсоният пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки номуаяйнӣ ва таваккалро рафъ намояд [10, с.59]. Тамоми номуайянӣ ва таваккали ба вуҷудомада дар ҳамаи ниҳодҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ бо маром мушоҳида намешавад. Дар ниҳодҳои расмӣ (қонун, қоида, қарорҳое, ки аз ҷониби мақомотҳои ваколатдори давлатӣ таҳия гардидаанд) ва ғайрирасмӣ (қоидаҳои ҷамъиятӣ, урфу одати аҳолии ин ё он давлат) барои бартараф намудани омилҳои дар боло зикргардида, зарур аст, ки ҳамгироии иқтисодӣ ба хотири нигоҳ доштани ҳолати тавозунии ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ба роҳ монда шавад.

Дар баъзе таҳқиқоти олимони ғарб, аз ҷумла, Ди Маггио П. дар баробари ниҳодшиносӣ, инчунин ниҳодшиносии нав (neo – institutionalism) мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, таъкид мегардад, ки хусусияти фарққунандаи он дар он аст, ки қабули қарорҳои идоракунӣ ва пешбурди фаъолияти иқтисодӣ на бояд аз ҷониби як ё ин ки як гурӯҳи алоҳида, балки аз ҷониби гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ бо дарназардошти қоидаҳои иҷтимоӣ ва рафтори оқилона ба роҳ монда шавад [11, с.697]. Ин гуна ниҳодшиносӣ имконияти ҳамгироии иқтисодии байнидавлатҳоро метавонад васеъ гардонад. Ҳамзамон, ҳангоме ки дар минтақаҳои алоҳида, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ корхонаҳои фаромилалӣ ба монанди дигар давлатҳои ғарб васеъ паҳн нагардидаанд, зарур аст, ки ҳамгироии иқтисодӣ маҳз аз ҳамин ҳисоб роҳандозӣ карда шавад. Ҳамин тавр, таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон маълум менамояд, ки маҳз ширкатҳои фаромилалӣ сабаби асосии ба ҳам наомадани давлатҳои ҳамсоя гардидаанд.

Либман А.М. ҷанбаъҳои ниҳодии ҳамгироии иқтисодиро дар фазои иқтисодии давлатҳои пасошӯравӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд менамояд, ки ҳамгироӣ таъсири омилҳои ниҳодие, ки ба қабули қарорҳои идоракунии ғайримақсаднок оварда мерасонанд ва ба ҷомеи таъсири манфии худро мерасонанд, бартараф менамояд [6, с.144]. Барои ба ин мақсад ноил гардидан, ӯ се фаҳмиши ниҳодро аз ҳамдигар ҷудо менамояд: ниҳодшиносии интихоби оқилона, ниҳодшиносии иҷтимоӣ-конструктивӣ ва ниҳодшиносии ба мунoқишаоваранда. Маҳаки асосии омӯзиши масъалаи мазкур дар таҳқиқоти ӯ дар он зоҳир мегардад, ки механизмҳои имконпазири фазои иқтисодии давлатҳо, ки ба ҳамгироӣ рӯ меоранд, зери таъсири нобоварӣ ва мураккабии сохтори бозори дохилии ҳар як давлат қарор дорад. Аз ин рӯ, ниҳодшиносӣ ҳамгоми ҳамгироии иқтисодӣ тавсия медиҳад, ки дар баробари ба инобат гирифтани дигар омилҳои таъсиррасон, инчунин сохтори бозорҳои амалкунанда вобаста аз урфу одат ва расму оини ин ё он давлат ба роҳ монда шавад.

Ҷараёнҳои муосири марҳилаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии давлатҳои Осиёи Марказӣ вобаста аз густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, афзоиши қувваҳои истеҳсолкунанда ва дигар унсурҳои иқтисодӣ дар бештари ҳолатҳо аз рӯйи шаклҳои махсусгардонӣ, диверсификатсияи истеҳсолот, мувофиқаткунонӣ кооператсия ва ҳамгироӣ ба роҳ монда шудааст. Шакли маъмули баҳамоӣ, чӣ гунае ки дар боло зикр гардид, ҳамгироии иқтисодӣ махсуб меёбад. Ҳамгироии иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ бо дарназардошти асосҳои ниҳодшиносӣ, ба андешаи мо,

бояд марҳила ба марҳила амалӣ гардонида шавад. Бо ибораи дигар, ҳамгироии иқтисодӣ дар мадди аввал аз муносибатҳои иқтисодии дохилидавлатӣ шурӯъ гардида, мутаносибан ба густариши муносибатҳои иқтисодӣ бо давлатҳои ҳамсоя мубаддал мегардад. Тавсияҳои олимони амрикоӣ, аз ҷумла Спенглер Дж. Дж. оид ба ҳамгироии амудӣ барои беҳтар гардонидани муҳити фаъолияти иқтисодӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои ниҳодӣ гувоҳи ин гуфтаҳост [12, с.349].

Бояд иброз намуд, ки барои ҳамгироии иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ зарур аст, ки асосҳои ниҳодии пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар сатҳи мезоиқтисодӣ, яъне соҳавӣ ва байнисоҳавӣ ба роҳ монда шавад. Гурӯҳи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, ки дар бештари давлатҳои минтақа бомаром ва бо суръатҳои гуногун рушд ва тараққӣ ёфта истодаанд, хуб мешуд, агар дар мадди аввал бо давлатҳои ҳамсоя бар асоси барномаҳои ҳамгироии байнидавлатӣ ба роҳ монда шаванд. Масалан, ҳанӯз солҳои 70-уми асри гузашта наздикии 90% истеҳсоли маҳсулоти мурғпарварӣ дар ИМА ва Канада дар корхонаҳои ҳамгироидошта истеҳсол карда мешуд. Ҳамин гуна истеҳсолот дар Фаронса 60% ва дар Ҳоланд бошад 90%-ро ташкил медиҳад [ҳамгироии амудӣ, электронӣ]. Барои давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулоти соҳаҳои иқтисоди миллиро дар алоҳидагӣ истеҳсол менамоянд ва дар онҳо тамоми заминаҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ ва махсусан ниҳодӣ мавҷуданд, чунин таҷриба бояд мавриди таҳлил ва истифода қарор дода шавад.

Қисмати дигар ва муҳими ҳамгироии иқтисодӣ дар асоси омили ниҳодшиносӣ дар он зоҳир мегардад, ки баъзе намуди фаъолияти иқтисодӣ дар ин ё он давлат арзи вуҷуд надорад ва он метавонад дар натиҷаи ҳамгироии иқтисодӣ, вобаста аз унсурҳои иҷтимоии истифодаи он ташкил карда шавад. Масалан, дар даврони шӯравӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли микроавтобусҳо дар шимоли кишвар мавҷуд буд ва бо мурури замон истеҳсоли он қатъ гардид. Вобаста ба ин, аз маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, истеҳсоли қисматҳо ва ҷузъҳои автобусҳо то соли 2000 ба роҳ монда шуда буд [8, с.451].

Бояд қайд намуд, ки ҷараёни таъминоти ниҳодии ҳамгироии иқтисодӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ тӯли солҳои соҳибистқлолии давлатҳо муаммоҳои зиёди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро фаро гирифта буд. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ оид ба таъминоти ниҳодии ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ нишон медиҳад, ки методологияи ягонаи омӯзиши масъала ва истифодаи механизми ягона мавҷуд нест. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар фазои минтақаи таҳқиқгардида ниҳодҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, низоми таъминоти ташкилӣ-ҳуқуқии ҳамгироии иқтисодӣ, мақомотҳои давлатӣ ва байнидавлатӣ ва низоми таъминоти ниҳодӣ гуногун буда, механизмҳои қабули қарорҳои идоракунӣ ва ҳамкорӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Барои баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ниҳодии ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи чунин унсурҳо ва пайдарҳамӣ бояд ба инобат гирифта шаванд:

- маҷмӯи механизмҳои ниҳодии ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ ҳамчун низоми иқтисодии ягона дарбаргирандаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти иқтисодиро бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи тарафҳо тарҳрезӣ карда шавад;
- низоми муносибатҳои мақомотҳои соҳавии дахлдор ва салоҳиятҳои онҳо вобаста аз ҳадафҳои умумии таъминоти дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ ба роҳ монда шавад;
- омода ва қабули қарорҳои идоракунии ҳамгироии иқтисодӣ вобаста аз урфу одат, расму оин ва манфиатҳои аҳолии давлатҳои минтақа;
- ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ бо дарназардошти таҷрибаи солҳои гузаштаи даврони шӯравӣ ва гузаштан ба низоми ягонаи истифодаи захираҳои иқтисодӣ.

Мавриди зикр аст, ки мукаммал намудани фаъолияти ниҳодҳои байнидавлатии ҳамгироии иқтисодӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ба он оварда мерасонад, ки механизми амалкарди қарорҳои идоракунӣ дар сатҳи минтақавӣ беҳтар гардида, тавсияҳо оид ба беҳтар ва васеъ намудани самтҳои фаъолияти оянда дода мешаванд.

Дар шароити муосир барои ҳамгироии иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ, чӣ гунае, ки таҷрибаи давлатҳои минтақа нишон медиҳад, муаммоҳо ва ихтилофҳои зиёде мавҷуданд, ки маҳз аз ҳамин ҳисоб ба рушди ҳамкориҳои иқтисодию иҷтимоӣ мушкилот эҷод мешавад. Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ, аз ҷумла олими иқтисоддон Асрорзода У.С. ҳангоми омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни ҳамкории иқтисодии давлатҳои минтақа қайд мегардад, ки дар муқоиса бо дигар макро-минтақаҳои калон, дар ин ҷо қариб ҳамаи иншооти ба истилоҳ ташкилдиҳандаи инфрасохтори гумрукӣ, аз қабили терминалҳои муосири гумрукӣ, гузаргоҳҳо, таваққуфгоҳҳо

барои автомобилҳои сабукрав ва боркаш, меҳмонхонаҳо барои ронандагон, нуқтаҳои тиббӣ, тарабхонаҳо, ошхонаҳо ва ин амсол ҳанӯз ба дараҷаи рушд нарасидаанд, ки ин сабаби ба ҳам наомадани ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи минтақа мегардад [1, с.23]. Инчунин таъкид мегардад, ки дар як қатор кишварҳои Осиёи Марказӣ, шартҳои Конвенсияи Киото вайрон карда шудаанд, ки он ба содагардонии расмиёти гумрукӣ нигаронида шуда, роҳандозии шартҳои «Равзанаи ягона»-ро тақозо менамояд. Муаммоҳои дар боло зикргардида бештар ҳамчун асосҳои ниҳодии ҳамгироии иқтисодӣ арзёбӣ карда мешаванд.

Дар баъзе таҳқиқоти дигар ҷунбишҳои сохтории иқтисодиёти давлатҳои Осиёи Марказӣ метавонанд ҷараёнҳои ҳамгироии иқтисодиро паст намоянд [2, с. 41]. Ин гуна ҷунбишҳо дар натиҷаи тақсимоти принсипҳои меҳнат ва махсусияти иқтисодии ин ё он давлат бо дарназардошти талабот ва манфиатҳои давлатҳои ҳамгиро ба амал меояд. Ба андешаи мо, механизми баробарии рушди иқтисодии давлатҳои ҳамсоя аз ҳисоби махсусияти иқтисодии давлатҳо дар он зоҳир мегардад, ки захираҳои иқтисодии баъзе давлатҳои минтақа, масалан Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қирғизистон то андозаи зарурӣ ва нисбатан аз як ҳисоб камтар, аз тарафи дигар дар шакли ашёи хом мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки маҳз ҳамин сабаби асосии шомил нагардидан ба баъзе иттиҳодияҳои минтақавӣ гардидааст. Дар баробари ин, зарурати диверсификатсияи захираҳои иқтисодӣ ва афзоиши суръати рушди иқтисодии давлатҳои нисбатан тараққиёбандаи минтақаи Осиёи Марказӣ низ ҳамчун муаммои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ гаштааст.

Махсусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар даврони пасошӯравӣ бинобар сабабҳои маъмул барои минтақа дар бештари ҳолатҳо бомаром ба назар мерасанд. Дар баъзе таҳқиқоти олимони ватанӣ махсусиятҳои давлатҳои минтақаро аз як тараф аз ҳисоби мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ-иқтисодӣ маънидод намоянд, аз тарафи дигар мавқеи Федератсияи Россия дар густариши ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳо дар назар дошта мешавад [3, с.143]. Ба ҳамагон маълум аст, ки Федератсияи Россия ба мисли дигар давлатҳои минтақа дорои захираҳои бойи иқтисодӣ буда, барои рушди иқтисодии давлатҳо ҳамчун давлати қабулкунандаи қувваи кории асосӣ (муҳоҷирати меҳнатӣ) ба ҳисоб меравад. Пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар ҳамаи давлатҳои минтақа ҷараёнҳои демографӣ, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ аз давлатҳои Осиёи Марказӣ ба Федератсияи Россия сурат мегирифтанд, пурзӯр гардид ва ин қисмат асосҳои ниҳодии ҳамгироии иқтисодиро боз ҳам бошиддат намуд.

Ба андешаи мо, барои истифодаи оқилонаи захираҳои иқтисодӣ ва густариши равобити иқтисодӣ зарур аст, ки яке аз давлатҳои аз лиҳози иқтисодӣ абарқудрат ҳамчун пешбаранда иштирок намояд. Таърихи анқариб 100 солаи охир нишон медиҳад, ки ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ робитаҳои иқтисодии худро аз ҳама бештар бо Федератсияи Россия хубтар ба роҳ монда буданд. Тӯли 70 соли даврони шӯравӣ ва сӣ соли Истиқлоли давлатӣ мавқеи Федератсияи Россия ва таъсири он ба иқтисодиёти давлатҳои минтақа назаррас буда, интихоб намудани ин давлати пурқуввати иқтисодӣ метавонад ба иқтисодиёти минтақа таъсири мусбии худро расонад. Ҳамзамон, набояд фаромӯш кард, ки маҳз бо ташаббусҳои олимони рус дар минтақа ҳамаи соҳаҳои бахши воқеӣ, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ, сохтмон ва ғ. рушд ёфта, минбаъд низ дар барномаҳои давлатии дарозмӯҳлати рушди иқтисодии ҳамаи давлатҳо мавқеи Федератсияи Россия бояд пурзӯр карда шавад.

Хусусиятҳои фарқкунандаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар содирот ва воридоти маҳсулот ва хизматрасониҳо зоҳир мегардад. Дар кишвар мавҷудияти захираҳои бойи иқтисодӣ, канданиҳои фоиданок ва дигар захираҳо мавҷуданд, ки аз ҳама бештар нахи пахта, алюминий ва нисбатан дигар маҳсулот ба содирот нигаронида шудаанд. Чунин вазъияти иқтисодӣ, вале бо дигар сохтори содиротӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон мушоҳида карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон низ захираҳои бойи обӣ мавҷуданд ва давлат аз ҳама бештар тилло, нахи пахта ва маҳсулотҳои хушк содир менамояд. Дар Ҷумҳурии Узбекистон ва Туркманистон бошад, захираҳои энергетикӣ ва нефт ва газ мавҷуданд, ки ҳиссаи онҳо дар содирот бештар ба назар мерасад. Новобаста аз оне, ки давлатҳои минтақа аз ҳисоби иқтидори табиӣ-захиравӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ қисман аз ҳамдигар фарқ мекунанд, вале хусусиятҳои ниҳодии онҳо дар бештари ҳолатҳо бояд бомаром арзёбӣ карда шаванд.

Ҳамгироии иқтисодӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ бояд марҳила ба марҳила сурат гирифта, аз пайдарҳамии амалишавии лоиҳаҳои бузурги бо ҳам алоқаманд ва барои ҳамаи тарафҳо судманд вобастагӣ дошта бошад [7, с.142]. Воқеан, дар даврони шӯравӣ лоиҳаҳои ягона

ва бузурги сармоягузорӣ, ки барои густариши ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронида шуда буданд, зиёд буданд ва бештари онҳо барои таъмини рушди инфрасохтории фаъолияти иқтисодӣ тарҳрезӣ мегардиданд. Дар шароити пасошӯравӣ низоми ягонаи амалишавии ин гуна лоиҳаҳо қисман манъ гардиданд ва дар натиҷаи ба вуҷуд омадани иттиҳодияҳои минтақавӣ онҳо қисман барқарор гардиданд. Таҷрибаи амалишавии ин гуна лоиҳаҳои сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки на ҳама вақт пайдарҳамии дар амал татбиқ намудани онҳо риоя карда мешавад ва ба андешаи мо дар муносибатҳои иқтисодии иттиҳодияҳои ҳамгироишаванда фишангҳои иқтисодӣ, аз ҷумла меъёрҳои танзимкунанда, шохиси дараҷаи нархҳо, фоизи қарз ва фоидаи иқтисодӣ дигаргун карда шуда, манфиатҳои ҳамаи тарафҳо ба инобат гирифта шаванд.

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки ҷараёнҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ зери таъсири бевоситаи унсурҳои ниҳодӣ қарор дошта, аз ҳамаи давлатҳои минтақа талаб менамояд, ки аз як тараф фишангҳои ниҳодӣ, ба монанди расм, урфу одат ва оини мардум ба инобат гирифта шаванд, аз ҷониби дигар ҳар як давлати минтақа вобаста аз имкониятҳои иқтисодии худ ва он иқтидори иқтисодие, ки феълан мавриди истифода қарор нагирифтааст, роҳандозӣ карда шавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон мавҷудияти захираҳои бойи обӣ-энергетикӣ ва дар Ҷумҳурии Узбекистон ва Туркманистон захираҳои бойи нефт ва газ бисёртар бошад, пас маҳз ҳамин қисматҳо зарурати бевоситаи густариши ҳамкориҳои иқтисодиро ба вуҷуд меоранд. Ҳамзамон, вазъи кунунии иқтисодиёти давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ талаб менамояд, ки механизми амалкарди таъмини рушди иқтисодӣ ва низоми устувори идоракунии ҷараёнҳои ҳамгироӣ дар асоси созишномаҳои нави байниҳукуматӣ ҳамчун ҳадафи олии стратегии ҳар як давлат амалӣ карда шавад. Набояд фаромуш кард, ки агар дар даврони шӯравӣ давлатҳои минтақа аз ҳисоби мавҷудияти зарурати объективӣ ба ҳамгироии иқтисодӣ рӯ меоварданд, пас дар шароити муосир зарурати субъективии ҳамгироии иқтисодӣ ба миён омадааст.

## ПАЙНАВИШТ


1. Асрорзода У. С. Проблемы экономического сотрудничества стран Центральной Азии // Государственное управление. – 2020. – №. 3. – С. 21-28.
2. Асрорзода У. С. Структурные аспекты региональных интеграционных процессов //Финансово-экономический вестник. – 2020. – №. 1. – С. 39-46.
3. Бободжонов Д.Д., Назири Г.Н., Садриддинов М. И. Тенденции развития экономики Республики Таджикистан в системе экономик стран Центральной азии // Кишоварз. – 2019. – №. 3. – С. 142-146.
4. Клейнер Г. Б. Эволюция институциональных систем. — М.: Наука, 2004. 220 с.
5. Коуз Р. Нобелевская лекция «Институциональная природа производства» // Природа фирмы. — М., 2001. С.67-74.
6. Либман А. Экономическая интеграция на постсоветском пространстве: институциональный аспект // Вопросы экономики. – 2005. – №. 3. – С. 142-156.
7. Садриддинов М. И., Орзуев П. Д. Интеграция экономик республик Центральной Азии: последовательность реализации крупных взаимосвязанных проектов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – №. 1. – С. 140-145.
8. Тоҷикистон: 25 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмааи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016. 522 с.
9. Ҳамгироии амудӣ: таҷриба чиро медиҳад [Захираи электронӣ]. – воридшавӣ: http://finance.obozrevatel.com/business-and-finance/vertikalnaya-integratsiya-chemu-uchit-opyit.htm.
10. Шапкин В. В. Методологические основания институционализма //Проблемы современной экономики. – 2011. – №. 2. С.57-62.
11. DiMaggio P. The new institutionalisms: avenues of collaboration //Journal of Institutional and Theoretical Economics (JITE)/Zeitschrift für die gesamte Staatswissenschaft. – 1998. – Т. 154. – №. 4. – С. 696-705.
12. Spengler J. J. Vertical integration and antitrust policy //Journal of political economy. – 1950. – Т. 58. – №. 4. – С. 347-352.


## REFERENCES


1. Asrorzoda U. S. Problems of economic cooperation of Central Asian countries // State administration. - 2020. - No. 3. - p. 21-28. (in Russian).

2. Asrorzoda U. S. Structural aspects of regional integration processes //Financial and Economic Bulletin. – 2020. – №. 1. – p. 39-46. (in Russian).
3. Babajanov D.D., Naziri G.N., Sadriddinov M. I. Trends in the development of the economy of the Republic of Tajikistan in the system of economies of Central Asian countries //Kishovarz. – 2019. – №. 3. – p. 142-146. (in Russian).
4. Kleiner G. B. Evolution of institutional systems. - M.: Nauka, 2004. 220 p.
5. Kose R. Nobel lecture "The institutional nature of production" // Nature of the firm. - M., 2001. p.67-74. (in Russian).
6. Libman A. Economic integration in the post-Soviet space: institutional aspect // Economic issues. - 2005. - No. 3. - p. 142-156. (in Russian).
7. Sadriddinov M. I., Orzuev P. Dj. Integration of the economies of the Central Asian republics: the sequence of implementation of large interrelated projects // Bulletin of the Tajik National University. Series of Socio-economic and Social Sciences. – 2019. – №. 1. – p. 140-145. (in Russian).
8. Tajikistan: 25 years of state independence. Statistical Complex / Agency for Statistics under the President of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, 2016. 522 p. (in Tajik).
9. Vertical integration: what gives experience [Electronic resource]. - export to – http://finance.obozrevatel.com/business-and-finance/vertikalnaya-integratsiya-chemu-uchit-opyit.htm. (in Tajik).
10. Shapkin V. V. Methodological foundations of institutionalism // Problems of the modern economy. – 2011. – №. 2. p.57-62.
11. DiMaggio P. The new institutionalisms: avenues of collaboration // Journal of Institutional and Theoretical Economics (JITE) / Zeitschrift für die gesamte Staatswissenschaft. – 1998. – T. 154. – №4. – p. 696-705.
12. Spengler J. J. Vertical integration and antitrust policy //Journal of political economy. – 1950. – T. 58. – №. 4. – p. 347-352.

УДК 33Т
ББК-65.9 (5ТАДЖ)
Х-18

**К ВОПРОСУ О РОЛИ КОМПЕТЕНТНОСТИ И КОМПЕТЕНЦИЙ В ФОРМИРОВАНИИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА**

***Саидмуродзода Л.Х.*** - *заведующий отделом сравнительных экономических исследований Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана*
***Хамидова С.Х.*** - *кандидат экономических наук, доцент, заведующая кафедрой банковское дело ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова», (Таджикистан, Худжанд), e-mail: istambonu@mail.ru*

**БА МАСЪАЛАИ НАҚШИ САЛОҲИЯТНОКӢ ВА САЛОҲИЯТҲО ДАР ТАШАККУЛИ САРМОЯИ ИНСОНӢ**

***Саидмуродзода Л.Х.*** - *мудири шуъбаи тадкикоти мукоисавии иктисодии Институти иктисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Точикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
***Ҳамидова С.Х.***- *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи кори бонкии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров», e-mail: istambonu@mail.ru*

**TO THE QUESTION OF THE ROLE OF COMPETENCE AND COMPETENCIES IN THE FORMATION OF HUMAN CAPITAL**

***Saidmurodzoda L.Kh.*** - *Head of the Department of Comparative Economic Research of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan*
***Khamidova S.Kh.*** - *Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Banking SEI "Khujand State University named after Academician B. Gafurov", Associate Professor (Tajikistan, Khujand),*
*e-mail: istambonu@mail.ru*

***Ключевые слова:*** *человеческий капитал, образование, компетентностный подход, компетенции, компетентность, знаниевый подход*

*Достижение приоритетных целей развития государства, таких как социальная стабильность, национальная безопасность, экономический рост, инвестиционная привлекательность и конкурентоспособность в достаточно высокой степени зависят от уровня развития системы образования в стране. Модернизация системы образования является также необходимым условием формирования инновационной экономики. Одним из направлений модернизации образования является переход от традиционной знаниевой парадигмы к более гибкой – компетентностной. Компетентностный подход позволяет эффективно формировать не только знания, умения и навыки, но и личностную, а также профессиональную компетентность будущего специалиста. Компетентностный подход способствует развитию у носителя человеческого капитала компетенций и компетентностей, с помощью которых он в дальнейшем может решать поставленные перед ним задачи на производстве и быть конкурентоспособным компетентным специалистом и востребованным экономикой и обществом в целом и главное отличие компетентности от традиционных требований к подготовке выпускника заключается в том, что приобретаемая компетентность является интегральной характеристикой уровня его универсальной и профессиональной квалификации.*

***Вожаҳои калидӣ***: *сармояи инсонӣ, таҳсилот, равиши салоҳият, салоҳият, салоҳиятнокӣ, равиши дониш*

*Ноил шудан ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди давлат, аз қабили суботи иҷтимоӣ, амнияти миллӣ, рушди иқтисодӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва рақобатпазирӣ ба дараҷаи хеле баланд аз сатҳи рушди соҳаи маориф дар кишвар вобастагӣ дорад. Модернизатсияи системаи маориф низ шарти зарурии ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ мебошад. Яке аз самтҳои навсозии соҳаи маориф гузариш аз парадигмаи донишҳои анъанавӣ ба фасеҳтар – салоҳиятнокӣ мебошад. Муносибати салоҳиятнок ба шумо имкон медиҳад, ки на танҳо дониш, малака ва малака, балки салоҳияти шахсӣ ва касбии мутахассиси ояндаро самаранок ташаккул диҳед. Талаботи иқтисодиёт ва умуман ҷомеа ва тафовути асосии салоҳият аз талаботи анъанавии тайёр кардани хатмкунанда дар он аст, ки салоҳияти бадастомада хусусияти таркибии сатҳи тахассуси умумӣ ва касбии ӯ мебошад.*

***Key words:*** *human capital, education, competence-based approach, competencies, competence, knowledge approach*

*Achieving the priority goals of the development of the state, such as social stability, national security, economic growth, investment attractiveness and competitiveness to a fairly high degree depend on the level of development of the education system in the country. Modernization of the education system is also a necessary condition for the formation of an innovative economy. One of the directions of modernization of education is the transition from the traditional knowledge paradigm to a more flexible one - competence-based. The competence-based approach allows you to effectively form not only knowledge, skills and abilities, but also the personal and professional competence of a future specialist. In the article, the author concluded that the competency-based approach contributes to the development of competencies and competencies in the carrier of human capital, with the help of which he can later solve the tasks assigned to him in production and be a competitive competent specialist and in demand by the economy and society as a whole and the main difference competence from traditional requirements for the preparation of a graduate lies in the fact that the acquired competence is an integral characteristic of the level of his universal and professional qualifications.*

Переход экономики Республики Таджикистан в ускоренную индустриализацию создал предпосылки пересмотра знаниевой парадигмы образования и ее переход к компетентностной стратегии в образовании. Этому также способствовало вхождение образовательной системы в мировое образовательное пространство. Возникла необходимость глобальной модернизации образования под воздействием социальных, экономических, политических изменений в стране и в мире в целом, а также для соответствия мировым стандартам.

Компетентностный подход способствует формированию у выпускника желания постоянного обновления знаний, умений и профессиональных навыков, дальнейшего совершенствованию их и трансформации их в компетенции. По требованиям современного общества носитель человеческого капитала должен обладать следующими параметрами: мобильностью, креативностью, умением сотрудничать с партнерами, коллегами и обществом в целом, динамичностью и нести ответственность перед собой, семьей, организацией и государством. Иными словами каждый выпускник школы должен обладать определенными компетентностями и компетенциями и для этого необходимо провести оценку качеств личности выпускника.

С этой целью была подписана Болонская конвенция, в которой предусмотрено общее понимание содержания квалификаций, а также выявления странами подписантами, в том числе Республика Таджикистан, общих и специфических компетенций и компетентностей выпускников вузов.

Задачу, которую призван решить компетентностный подход является, то, что носитель человеческого капитала, выпускник высшей школы, попадая в нетривиальные ситуации должен иметь несколько вариантов решений возникающих проблем и выбрать из них наиболее приемлемый для него. Он должен работать с целью получения достойного вознаграждения и соответственно приносить доход и своим работодателям, используя компетенции, полученные в процессе обучения. В связи с этим одним из путей модернизации образования Республики Таджикистан это формирование и использование компетенций.

В настоящее время существует достаточно много исследований посвященных концептуальным основам компетенций и компетентности. Так, значимый вклад в развитие понятийного аппарата компетенции и компетентность внес Дж. Равен. В своем труде «Компетентность в современном обществе. Выявление, развитие и реализация», которая была опубликована в 1984 году, дано собственно определение компетентности – «состоящего из большого числа компонентов, многие из которых относительно независимы друг от друга...

некоторые компоненты относятся скорее к когнитивной сфере, а другие - к эмоциональной... эти компоненты могут заменять друг друга в качестве составляющих эффективного поведения»[6,С.253].

Начиная с конца XIX и начала XX веков компетентности и компетенциям посвящены труды ученых ближнего и дальнего зарубежья, таких, как Е.В. Бондаревская, А.А.Деркач, И.А. Зимняя, Н.В. Кузьмина, А.К. Маркова, Н.В. Мясищев, А.Ш. Палферова, Л.А. Петровская. По их мнению, компетентности и компетенции - это результат, полученный по окончании процесса обучения и выявления определенных качеств у выпускника.

Понятия компетенции и компетентности можно представить в следующей таблице (Табл.1).

Таблица 1

Исследования понятий компетенции и компетентности как научной категории

| Авторы | Понятия |
|---|---|
| **Р. Уайт** «Motivation reconsidered: the concept of competence» (1959) [9, p.297-333] | Ввел категорию компетенции содержательно наполняя ее собственно личностными составляющими, включая мотивацию |
| **Н. Хомский** [3] | «мы проводим фундаментальное различие между компетенцией (знанием своего языка говорящим - слушающим) и употреблением (реальным использованием языка в конкретных ситуациях). Только в идеализированном случае... употребление является непосредственным отражением компетенции» |
| **Дж. Равен** [6,С.258] | компетентности как явления «состоящего из большого числа компонентов, многие из которых относительно независимы друг от друга... некоторые компоненты относятся скорее к когнитивной сфере, а другие - к эмоциональной... эти компоненты могут заменять друг друга в качестве составляющих эффективного поведения» |
| **Н.И. Алмазова**[1] | *компетенции* как знания и умения в определенной сфере человеческой деятельности, а компетентность – это качественное использование компетенций |
| **Н.Н. Нечаев, Резницкая Г.И.** [5,С.3-21] | Доскональное знание своего дела, существа выполняемой работы, сложных связей, явлений и процессов, возможных способов и средств достижения намеченных целей |
| **Н.Ф.Талызина, Н.Т. Печенюк, Л.Б. Хихловский, В.Д. Шадриков, Р.К. Шакуров, В.М. Шепель и др.** [7] | понятия «знания», «умения», «навыки» неточно характеризуют понятие «компетентность», так как, по их мнению, «компетентность» предполагает владение знаниями, умениями, навыками и жизненным опытом |
| **А.К. Маркова 1993-1996 г.г.** [4] | В общем контексте психологии труда профессиональная компетентность становится предметом специального всестороннего рассмотрения. Она выделяет специальную, социальную, личностную и индивидуальные виды профессиональной компетентности |
| **Жак Делор**[2, С.37] | «четыре столпа», на которых основывается образование: научиться познавать, научиться делать, научиться жить вместе, научиться жить». «Научиться делать, с тем, чтобы приобрести не только профессиональную квалификацию, но и в более широком смысле компетентность, которая дает возможность справляться с различными многочисленными ситуациями и работать в группе» |
| **В. Хутмахер** [8] | что употребление есть компетенция в действии. понятие «компетенция» ближе к понятийному полю «знаю, как» чем к полю «знаю, что». *Компетенция* – от латинского (competo – добиваться) |

Источник: таблица составлена авторами

Проведя синтезированный анализ данных таблицы можно сделать вывод о том, что при эволюции понятийного аппарата, красной нитью проходит единство мнений о понятиях компетенция и компетентность. В понимании исследователей этапов формирования компетентностей, было установлено, что компетенции это знания, умения и навыки, а компетентность это эффективное использование этих компетенций при возникновении нестандартных ситуаций.

Исходя из вышеизложенного, можно дать собственное определение компетентности в виде компетентность (индивида, группы индивидов) - это совокупность их профессионально – квалификационных характеристик, в конкретной области человеческой деятельности, позволяющие успешно и наиболее эффективными способами решать поставленные задачи с заданным качеством и в установленные сроки.

Из этого определения можно понять, что между компетенцией и компетентностью имеется значительное различие, заключающееся в том, что компетенция это априори выдвигаемое требование к профессионально-квалификационным характеристикам специалиста (выпускнику вуза), а компетентность это реальная способность конкретного носителя компетенции успешно решать поставленные перед ним профессиональные задачи. В этом плане нелишне предположить, что если индивид, при наличии глубоких и всесторонних знаний не способен успешно решать поставленные профессионально-квалификационные задачи, то его трудно считать компетентным, что и следует доказать.

Для того чтобы определить уровень компетентности выпускника, необходимо чтобы выпускник мог использовать информационные каналы, обрабатывать информацию, синтезировать, получать ее из нескольких источников, представлять ее в понятной форме и уметь общаться с людьми потребителями данной информации.

Таким образом, компетентностный подход в образовании служит для адаптации выпускника к неопределенностям, которые ожидают его за пределами школы и университета. Это общественно – моральный способ адаптации человека к рынку профессий в неопределенных социальных условиях. При этом перечень компетенций хранится вне системы неофициально, и он может их применять, работая вне системы, непосредственно в практике профессиональной деятельности выпускника. Требования работодателей к выпускникам делают необходимым оценивать соответствие перечню знаний, умений, личных и профессиональных качеств, указанных в нормативных документах. И в этом заключается применение компетентностного подхода, а именно в проверке соответствия, параметров и инструменты оценки качества подготовки специалиста и тем самым выявить все ли компетентности охвачены в образовательных программах, за определенный лаг времени.

Известный американский психолог Д. Макклелланд, автор бестселлера «Мотивация человека», предложил инструмент, который оказался эффективным и востребованным бизнесом. В статье 1973 года с многозначительным названием «Тестирование: компетенции против интеллекта» он определил для работодателя критерии пригодности соискателя к определенным производственным функциям. Не интеллект который был очень важен в парадигме знаний, а компетенция как умение эффективно работать теперь требуется от выпускников образовательных систем всех уровней. Речь идет не о хождении в социальной, культурной, политической, экономической или информационно-коммуникационной сферах, а о приспособлении к той или иной сфере производства, безоговорочном принятии условий игры и успеха «команды».

Конечно, креативность – это умение разрабатывать идеи, концепции, модели, представлять инновационные технологии и о ее необходимости идет речь с точки зрения эффективности производства.

Сам Макклелланд определил возможность общественно -экономической и духовной адаптации как мотивацию, прямого следствия общественной деятельности, восприятия его взаимоотношений с потребностями и выделил три основных мотива поведения современного человека: потребность в достижении (личном или коллективном успехе); потребность в принадлежности (социальные потребности быть с людьми, в семье, принадлежность к определенной совокупности групп, обществу); потребность в первенстве (лидерство, превосходство); успеху также способствуют такие личные качества, как сострадание, дисциплина и инициатива.

Интересно, что свою теорию мотивации Макклелланд применяет не только в анализе психологии личности и для продвижения общественных групп, корпораций, но даже для характеристики менталитета народов и цивилизаций. Так, коллективная потребность прогресса (достижений) определяет и темпы экономического роста, и характер исторической эпохи; более того, доминанта той или иной мотивации обусловливает расцвет и гибель государств. «Особенно волнующим в этом открытии является то, что перемены в коллективной мотивации достижений предшествуют взлету и падению цивилизаций… а если уровень потребности во власти превышает уровень потребности в аффиляции, значит, страна движется к войне» [6,с.463]. Фактически речь идет о событии, называемом общественным сознанием, аксиомой

культуры. Следует отметить, что психолог видит причину той или иной мотивационной доминанты общественного сознания в образовании и воспитании детей, обнаруживая ее присутствие в текстах детских сказок, в художественной литературе, национальных народных песнях.

В этом смысле человек предстает как биологическое социальное существо, стремящееся к успеху, признанию и господству, тогда как его духовная природа - ценности свободы, любви, веры, совести, вечного поиска истины и красоты - не имеет места в позитивистской концепции человека, художников нет и поэтому они не очень востребованы в компетентностном подходе, так как не могут быть рассчитаны и переведены в баллы.

Таким образом, в первую очередь компетентность – это способность мотивировать действие, то есть способность добиваться успеха, быть признанным в обществе, быть лидером. Именно эта потребность, тайно или публично, приводит к выбору профессии и учебной программы, дающей средства для реализации доминирующих мотивов: знаний, умений, личностных качеств. При итоговой аттестации не следует напрямую спрашивать человека о мотивах выбора профессии или места работы, считает психолог. Надо «изучить его мысли и фантазии, посмотреть, насколько сильно проявляется в них тема достижений, желание получить социальное одобрение или властвовать». Чтобы понять, что и почему действительно заботит человека, «надо попросить его рассказывать истории, в которых могут быть закодированы мотивации» [6, с. 463].

Концепция мотивации Д. Макклелланда, демонстрирующая преимущества демократических (американских) ценностей, возникла в 1970-е гг. Он был принят в качестве модели компетенций для национальной системы Великобритании в 1986 году. Синтезируя причину «британской болезни» - неадекватность намерений и значимых предпочтений большинства жителей, как показала статистика, Дж.Р. Равен видит в этом риск социальной нестабильности и поэтому поддерживает идею компетентности - здравого подхода к образованию, адаптирующего личность к текущей ситуации., и предлагает 37 «компонентов компетентности» [8].

В середине 1990-х годов Совет Европейского союза по молодежному образованию и культуре предложил пять основных групп компетенций в рамках Болонского движения: 1) политическая и социальная, т.е. способность брать на себя личную и коллективную ответственность и принимать решения; 2) толерантность к разным культурам и религиям, межкультурные компетенции, обеспечиваемые общекультурным образованием (знание ценностей мировой и национальной культур); 3) сочетание личных и общественных интересов (определение цели «выгоды»); 4) коммуникативные навыки (говорение, письмо, родной и иностранный языки, компьютерные технологии, а также избирательные навыки, критическое отношение к информации в Интернете и в СМИ); 5) переподготовка, повышение квалификации, а при необходимости - смена профессии и места работы. Задача современного образования определена здесь как формирование «способности взаимодействовать с другими в различных диапазонах жизни и работы; способности действовать автономно и принимать ответственность за управление собственной жизнью в широком общественном контексте» [5].

Возможно, такой спектр компетенций, в котором преобладают идеи общекультурного и мировоззренческого воспитания, направляет систему образования на формирование «синтетической» личности, отражает понимание необходимости смены парадигмы познания учащегося на гуманистическую - модель, включающую свободные специальности.

Некоторые исследователи объясняют содержание компетентностного подхода следующим образом: речь идет о «четырехмерном образовании», которое дает знания, умения, личностные качества + способность к самообучению [11]. Наличие этих компетенций обеспечивает профессиональную и жизненную успешность человека, по мнению авторов, и они оцениваются при итоговой аттестации. Отсюда можно сделать вывод, что основным субъектом инновационных процессов является выпускник вуза, преподаватель вуза, преподаватель общеобразовательной школы.

Так В. Г. Зарубин так определяет понятие компетенции: это «личностно интегрированный результат, имеющий деятельностно -поведенческие признаки, практическую, опытную, мотивационно-ценностную и когнитивно - обеспеченную готовность действовать в сфере своей компетенции»[4,С.13]. В данном случае речь идет о носителях человеческого капитала способных в нужное время получать, анализировать, критически интерпретировать нужную информацию, делать ответственный, адекватный и рациональный выбор в культуре, обществе, профессии.

Иными словами, то, что здесь представлено как цель, является не приспособлением к существующим рыночным условиям, а стремлением приспособиться к социокультурной и политико-экономической ситуации, а также знаний, навыков и профессиональных умений для принятия решения.

В целях интеграции знаний выпускников и их практического применения необходимо, чтобы учебная программа была ориентирована на синтез и практику, а точнее, набор интегрированных программ и коммуникативные тренинги рассчитанных на уровень компетентностной подготовки бакалавриата и магистратуры: базовый (концептуальный, просвещенческий, культурный, нравственный, эстетический), специализированные (профессиональные знания и технологии) - в совокупности два первых уровня для бакалавриата и экспертные (творческие способности, аналитические и проектные технологии) - магистратура.

Как было раннее замечено, что компетентность это совокупность компетенций, которые получает носитель человеческого капитала в процессе обучения и имеет при выходе из вуза. То есть компетентностный подход в образовательной составляющей человеческого капитала подразумевает практическое использование мотивирующей, информационной, развивающей, интерактивной, коммуникативной и других ключевых компетенций.

В современных условиях компетентностная составляющая образовательного аспекта человеческого капитала имеет принципиальное значение для его развития и воспроизводства, так как именно степень развития человеческого капитала определяет инновационность будущего развития. А инновационность, в свою очередь, предполагает как компетентность, так и компетенцию главного фактора общественного производства - работника - который может и способен решать задачи будущего развития. В Республике Таджикистан индустриально-инновационный путь развития (это заложено в НСР 2030) предполагает формировать именно такого работника, обладающего компетентностью (индустриальный путь) и компетенцией (инновационный путь).

ЛИТЕРАТУРА


1. Алмазова И.И. Когнитивные аспекты формирования межкультурной компетентности при обучении иностранному языку в неязыковом вузе. Автореферат дис. на соиск. ученой степени доктора педагогических наук. Санкт-Петербург, 2003. - 47 с.
2. Делор Ж. Образование: сокрытое сокровище. UNESCO, 1996.
3. Зимняя И.А. Статья «Ключевые компетенции – новая парадигма ре-зультатов образования». // Интернет-журнал "Эйдос".
4. Зарубин В. Г. Компетентностный подход в подготовке кадров в области гуманитарных технологий / под ред. В. Г. Зарубина, Л. А. Громовой. СПб.: Изд-во РГПУ им. А. И. Герцена, 2007. С.13
5. Ключевые компетенции для Европы. Берн, 1994 // http/letopisi.ru.org
6. Маркова А.К. Психология профессионализма. -М., 1996.
7. Макклелланд Д. Мотивация человека. СПб.: Питер, 2007.
8. Нечаев Н.Н., Резницкая Г.И. Формирование коммуникативной ком-петенции как условие становления профессионального сознания специалиста// Вестник УРАО.-2002.- № 1, С .3 - 21.
9. Равен Дж. Компетентность в современном обществе. Выявление, развитие и реализация. -М., 2002. (англ. 1984). С.253
10. Рорти Р. Релятивизм: найденное и сделанное // Философский прагматизм Ричарда Рорти и российский контекст. М.: Традиция, 1997. 286 с.
11. Талызина Н. Ф., Печенюк Н.Т., Хихловский Л.Б. Пути разработки профиля специалиста. -Саратов, изд. Саратовского университета, 1987.-173с.
12. Hutmacher Walo. Key competencies for Europe//Report of the Symposi-um Berne, Switzezland 27-30 March, 1996. Council for Cultural Co-operation (CDCC) a //Secondary Education for Europe Strsburg, 1997
13. White R. W. Motivation Reconsidered: The Concept of Competence/ Psy-chological Review/, 1959. - №66, -P. 297-333.
14. «Четырехмерное образование»: компетенции, которые нужны для успеха. М.: Центр образовательных разработок Московской школы управления СКОЛКОВО, 2015.


REFERENCES


1. Almazova I.I. Cognitive aspects of the formation of intercultural competence in teaching a foreign language in a non-linguistic university. Abstract dis. for the competition scientific degree of doctor of pedagogical sciences. St. Petersburg, 2003. - 47 p.

2. Delors J. Education: a hidden treasure. UNESCO, 1996.
3. Zimnyaya I.A. Article "Key competencies - a new paradigm of educational outcomes". // Internet magazine "Eidos".
4. Zarubin V. G. Competence approach in training personnel in the field of humanitarian technologies / ed. V. G. Zarubina, L. A. Gromova. SPb.: Publishing house of the Russian State Pedagogical University im. A. I. Herzen, 2007. P.13
5. Key competencies for Europe. Bern, 1994 // http/letopisi.ru.org
6. Markova A.K. Psychology of professionalism. -M., 1996.
7. McClelland D. Human motivation. St. Petersburg: Peter, 2007.
8. Nechaev N.N., Reznitskaya G.I. Formation of communicative competence as a condition for the formation of a professional consciousness of a specialist// Vestnik URAO.-2002.- No. 1, P. 3 - 21.
9. Raven J. Competence in modern society. Identification, development and implementation. -M., 2002. (Eng. 1984). p.253
10. Rorty R. Relativism: found and done // Philosophical pragmatism of Richard Rorty and the Russian context. Moscow: Tradition, 1997. 286 p.
11. Talyzina N.F., Pechenyuk N.T., Khikhlovsky L.B. Ways to develop a specialist profile. - Saratov, ed. Saratov University, 1987.-173p.
12. Hutmacher Walo. Key competencies for Europe//Report of the Symposi-um Berne, Switzezland 27-30 March, 1996. Council for Cultural Co-operation (CDCC) a //Secondary Education for Europe Strsburg, 1997
13. White R. W. Motivation Reconsidered: The Concept of Competence / Psychological Review /, 1959. - No. 66, -P. 297-333.
14. "Four-dimensional education": competencies that are needed for success. M.: Center for Educational Development of the Moscow School of Management SKOLKOVO, 2015.

УДК 332.1
ББК 65.049

**ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР ҚАРИНАИ РУШДИ УСТУВОР**

***Саидхоҷаева Дилафрузхон Муталибовна*** - *аспиранти кафедраи иқтисодиёти соҳавии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: snafisakhon@mail.ru*

**АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ В КОНТЕКСТЕ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ**

***Саидходжаева Дилафрузхон Муталибовна*** - *аспирант кафедры отраслевой экономики Политехнического института Технического Университета Таджикистана (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: snafisakhon@mail.ru*

**ANALYSIS OF THE STATE OF THE SUGHD REGION IN THE CONTEXT OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT**

***Saidkhojaeva Dilafruzkhon Mutalibovna*** - *Aspirant of Department of Branch Economy, Polytechnic institute of Tajik technical University (Tajikistan Republic, Khujand), e-mail: snafisakhon@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *рушди устувор, нишондиҳандаҳои маҷмӯӣ, нишондиҳандаи интегралии устуворӣ, низоми нишондиҳандаҳои арзёбии рушди минтақа, ҷузъҳои рушди устувор, нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, арзишҳои ҳадди ақали нишондиҳандаи интегралӣ,*

*Рушди устувори минтақа дар зери таъсири омилҳои зиёд ташаккул меёбад, ки бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию экологӣ ва иқтисодӣ тавсиф мешаванд. Мақсади ин кор таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди устувори минтақа ва арзёбии вазъи вилояти Суғд, инчунин асоснокии таҳлилии хулоса оиди мутобиқати минтақа ба меъёрҳои рушди устувор мебошад. Дар мақола усулҳои сохтани қаторҳои вақтӣ ва таҳлили динамикаи онҳо, нишон додани графикии натиҷаҳои таҳлил, таҳлили индексӣ, ҳисобкунии нишондиҳандаи интегралии рушди устувори минтақа бо истифода аз қиматҳои миёнаи арифметикӣ ва геометрӣ оварда шудааст. Баҳодиҳии рушди иқтисодиву иҷтимоии вилояти Суғд барои солҳои 2010-2019 аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ гузаронида шуд, ки ин нишондиҳандаҳои комплексӣ аз рӯи се самти тараққиёти устувор ҳисоб карда шуданд, маълум гардид, ки ба арзиши нишондиҳандаҳои комплексии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бештар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, хароҷот ба илм аз ҳисоби буҷети давлатӣ, ба арзиши нишондиҳандаҳои комплексии нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ чунин омилҳо ба монанди даромади пулии миёнаи ҳар сари аҳолӣ, хароҷоти истеъмолӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сатҳи бекорӣ ва ба арзиши нишондиҳандаҳои комплексии нишондиҳандаҳои экологӣ партови моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера таъсир мерасонад. Дар асоси ин ҳисобҳо нишондиҳандаи интегралӣ дар давраи арзёбӣ, инчунин дараҷаи устувории минтақа муайян карда шуда, дар охир оид ба мувофиқати минтақа ба меъёрҳои рушди устувор хулоса дода шуд.*

***Ключевые слова:*** *устойчивое развитие, комплексные индикаторы, интегральный показатель устойчивости, система показателей оценки развития региона, компоненты устойчивого развития, социально-экономические показатели, пороговые значения интегрального показателя.*

*Устойчивое развитие региона формируется под влиянием множества факторов, которое характеризуется социально-эколого-экономическими показателями. Целью настоящей работы является анализ социально-экономических показателей устойчивого развития региона и оценка ситуации в Согдийской области, а также аналитическое обоснование вывода о соответствии региона критериям устойчивого развития. В работе приводятся методы построения временных рядов и анализ их динамики, графическая визуализация результатов анализа, индексный анализ, расчет интегрального показателя устойчивого развития региона с применением средней арифметической и средней геометрической. Проведена оценка социально-экономического развития Согдийской области за 2010-2019 гг. по основным показателям, рассчитаны комплексные индикаторы по трем компонентам устойчивого развития, выявлены, что на значение комплексного индикатора экономических показателей больше всего влияют объем промышленной продукции, ВРП, расходы на науку из государственного бюджета, на значение комплексного индикатора социальных показателей*

*воздействуют такие факторы, как среднедушевые денежные доходы, потребительские расходы на душу населения, уровень безработицы, а на значение комплексного индикатора экологических показателей влияют выбросы загрязняющих веществ в атмосферный воздух. На основе этих показателей определен интегральный показатель в оценочном периоде, а также определены зона и степень устойчивости, в конце сформулирован вывод о соответствии региона критериям устойчивого развития.*

***Key words:*** *sustainable development, complex indicators, integral indicator of sustainability, system of indicators for assessing the development of the region, components of sustainable development, socio-economic indicators, threshold values of the integral indicator, sustainability zone*

*The sustainable development of the region is formed under the influence of many factors, which are characterized by social, environmental and economic indicators. The purpose of this work is to analyze the socio-economic indicators of sustainable development of the region and assess the situation in the Sughd region, as well as the analytical substantiation of the conclusion that the region meets the criteria for sustainable development. The paper presents methods for constructing time series and analyzing their dynamics, graphical visualization of the results of the analysis, index analysis, calculation of the integral indicator of sustainable development of the region using the arithmetic and geometric mean. An assessment of the socio-economic development of the Sughd region for 2010-2019 was carried out. according to the main indicators, complex indicators were calculated for the three components of sustainable development, it was revealed that the value of the complex indicator of economic indicators is most affected by the volume of industrial production, GRP, spending on science from the state budget, the value of the complex indicator of social indicators is influenced by such factors as average per capita cash income, consumer spending per capita, unemployment rate, and the value of the complex indicator of environmental indicators is affected by emissions of pollutants into the atmospheric air. Based on these indicators, an integral indicator was determined in the evaluation period, as well as the zone and degree of sustainability, and at the end, a conclusion was made about the region's compliance with the criteria for sustainable development.*

Муаммои таъмин ва арзёбии рушди устувор дар тӯли чанд даҳсола, аз замони аз тарафи СММ (Рӯзномаи XXl - 1992) қабул шудани як қатор ҳуҷҷатҳои бунёдие, ки ин ҷо ҳадафҳо, принсипҳо ва вазифаҳои рушди ояндаи инсониятро инъикос мекунанд, дар маркази таваҷҷуҳ қарор дошта, дар таҳқиқ ва муҳокимаи бисёре аз олимони ватаниву хориҷӣ мавриди баррасӣ вуҷуд дошта, то имрӯз ҳам муҳимияти худро гум накардааст. Дар Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳалли мушкилоти рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ дар самтҳои гуногуни бунёди устуворӣ барномаю лоиҳаҳои мақсадноки ҳамаҷониба оварда шудаанд, ки намунаи асосии рушди иқтисодиёти кишвар то соли 2030 мебошад ва бо шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ боз ҳам афзалиятноктар мегардад. Рушди устувор аз нуқтаи назари қонунгузории кишвари мо рушди мутаносиб ва самараноктарини истеҳсолот, соҳаи иҷтимоиёт ва муҳити табиӣ, идоракунии сармояи умумии ҷомеаро ба манфиати ҳифз ва афзун намудани неруи инсонӣ дар назар дорад. Баррасии адабиёт нишон дод, ки то ҳол мафҳумҳо ва тафсирҳои гуногуни рушди устувор вуҷуд доранд, аммо то ҳол таърифи аз ҷониби умум қабулшуда мавҷуд нест. Ҳам, чанд паҳлӯи рушди устувори минтақаро баррасӣ кунем. Ба гуфтаи Ивано Я.М. рушди устувор мафҳуми баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии минтақа тавассути таъмини рушди мутавозини иҷтимоию иқтисодӣ ва некӯаҳволии экологӣ фаҳмида мешавад.[Ивано Я.М., 2017] Муаллифи навбатӣ Макарова Е.В. инкишофи устуворро ҷараёни дигаргуниҳои мусбатро дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ бо роҳи ба ҳам мувофиқ кунонидани муносибатҳо дар ҳамаи соҳаҳо барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти мавҷудияти дарозмуддат мефаҳмад. [Макарова Е.В., 2006] Тибқи таърифи Чайковская Н.В., рушди устувор раванди мутаносиби динамикии такрористеҳсоли неъматҳои иқтисодӣ ва баланд бардоштани нишондиҳандаҳои сифати ҳаётро дар ҳолати мавҷуд будани таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ дар назар дорад.[Чайковская Н.В.,2005] Г.С. Розенберг, Ю.М. Крилов чунин мафҳумро ба миён гузоштааст, ки рушди устувор ҳамчун рушди дастгиришавандаи иқтисодӣ қайд карда мешавад, ки захираҳои мавҷударо барои наслҳои оянда кам намекунад. [Г.С. Розенберг, Ю.М. Крилов, 2009] Скоморохина Е.В. рушди устуворро ҳамчун рушди ҷомеа мефаҳмад, ки дар он таъсир ба муҳити зист бо мақсади беҳтар намудани сифати зиндагӣ дар доираи иқтидори иқтисодӣ боқӣ мемонад, ки боиси вайрон шудани заминаи табиии фаъолияти инсоният нахоҳад шуд.[Скоморохина Е.В., 2015] Ба гуфтаи Третяков Е.Л. рушди устувори мутавозин афзоиши аҳолӣ ва сифати зиндагӣ, таъмини пешрафти ояндаи рушди иҷтимоӣ мебошад. [Третякова

Е.Л.,2016] Ба назари мо, рушди устувори минтақа ҳамкории мутақобилаи мураккаби равандҳои рушд ва нигоҳдории афзалиятҳои рақобатии минтақа барои муддати тӯлонӣ дар шароити тағйирёбии муҳити дохилӣ ва беруна мебошад.

Тарафи дигари муаммои ба миён гузошташуда - таъмини тараққиёти устувори тамоми минтақаҳо ва аз ин рӯ, барои мамлакат низ баҳо додан ба вазъияти низоми иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. То ҳол дар сатҳи ҷаҳонӣ миқдори назарраси усулҳои арзёбии рушди устувор ҷамъ оварда шудаанд, аммо мутаассифона, илм то ҳол методологияи умумӣ ва тасдиқшударо таҳия накардааст. Ҳангоми омӯхтани усулҳои мавҷудаи арзёбии рушди устувори минтақа гуногунрангии таркиби нишондиҳандаҳо, методологияи арзёбӣ ва шарҳи натиҷаҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Инчунин ҳангоми истифодаи усулҳои мавҷуда ба баъзе камбудиҳо дучор шудан мумкин аст, ки онхо мураккабии истифодабарии нишондиҳандаҳо дар ҳисобу китоб ва вақти зиёдро талаб мекунанд, алоқаи байни нишондиҳандаҳои рушди устувори минтақа хеле паст буда, душвориҳо дар ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти ибтидоӣ мавҷуданд. Инчунин метавон гуфт, ки дар баъзе усулҳо аз ҳад зиёд истифода шудани нишондиҳандаҳо мушоҳида мешавад, ки ин таҳлилро душвор мегардонад ва дар дигар усулҳо нокифоя будани онҳо имкон намедиҳад, ки дар бораи устувории рушди минтақа маълумоти пурра ба даст оварда шавад. Дар амал ба истифодаи методологияи арзёбии сатҳи рушди устувори минтақа аз рӯи нишондиҳандаи интегралӣ диққати махсус дода мешавад, зеро он метавонад дар таҳия, татбиқ ва арзёбии самаранокии қарорҳои идоракунӣ, пешгӯии тамоюлҳои рушди оянда ва инчунин муқоисаи устувории рушд дар минтақаҳои гуногун истифода шавад. Арзёбии сатҳи рушди устувори минтақа дар асоси низоми нишондиҳандаҳои рушди устувор, ки дар асоси хусусиятҳо ва нишондиҳандаҳои минтақа ташаккул ёфта ва сипас нишондиҳандаи интегралӣ барои арзёбии устувории минтақа амалӣ карда мешавад. Муаллиф алгоритми зерини арзёбии рушди устувори минтақаро пешниҳод мекунад:




Расми 1. Алгоритми арзёбии рушди устувори минтақа

Интихоб ва асосноккунии нишондиҳандаҳое, ки мақсадҳои рушди минтақаро ба инобат мегиранд, бунёди системаи нишондиҳандаҳоро дар назар дорад, ки дар он нишондиҳандаҳои муҳимтарин, ки вазъи минтақаро дар динамика тавсиф мекунанд, интихоб карда мешаванд. Низоми нишондиҳандаҳои рушди устувори минтақа ҳамчун маҷмӯи нишондиҳандаҳое фаҳмида мешавад, ки равандҳои ҷорӣ ва динамикаи онҳоро дар низоми иҷтимоию экологӣ ва иқтисодӣ инъикос мекунанд, ки барои гузаронидани ташхиси дохилӣ ва берунии вазъи минтақа, муайян кардани иқтидори минтақа ва баҳодиҳии самаранокии идоракунӣ барои ноил шудан ба рушди устуворро таъмин мекунад. Ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии дараҷаи устувории рушди минтақаҳо, пеш аз ҳама, бояд ба низоми нишондиҳандаҳои устувории сатҳи баландтар — кишвар асос ёбад. Бешубҳа, ба даст овардани рушди устувори кишвар танҳо дар сурати устувор будани ҷузъҳои таркибии он - минтақаҳо, субъектҳои алоҳида, мунисипалитетҳо имконпазир аст. Аммо, дар баробари ин, муайян намудани нишондиҳандаҳои баҳодиҳии устувории ҳар як минтақа дар асоси хусусиятҳои дохилӣ, манфиатҳо ва омилҳои рушди худи

минтақа, ки рушди иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоиро инъикос мекунанд, сурат мегирад. Дар ҷадвали 1 нишондиҳандаҳои се блоки рушди устувор дар минтақа оварда шудаанд:

Ҷадвали 1. Системаи нишондиҳандаҳои рушди устувори минтақа

| | *Ҳадафи умумӣ* |
|---|---|
| *Самти устувории минтақа* | *Таъмини рушди устувори минтақа* |
| **Иқтисодӣ** (Блоки нишондиҳандаҳои иқтисодӣ) | **Баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти минтақа** |
| | 1.МДМ ба ҳар сари аҳолӣ<br>2.Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ<br>3. Ҳиссаи сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар МДМ<br>4. Музди миёнаи якмоҳаи кормандон<br>5. Ҳиссаи хароҷот барои тадқиқот ва конструкторӣ<br>6. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ<br>7. Маҳсулоти хоҷагии қишлок<br>8. Муомилоти моли чакана<br>9. Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ<br>10.Ҳаҷми муомилоти савдои берунӣ |
| **Иҷтимоӣ** (Блок нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ) | **Таъмини устувории иҷтимоӣ** |
| | 1. Дараҷаи фаъолияти иктисодии аҳолӣ<br>2. Сатҳи бекорӣ<br>3. Ҳиссаи аҳолии дорои даромадашон паст аз сатҳи ҳадди ақал<br>4. Даромади пулии миёнаи аҳолӣ ба ҳар сари аҳолӣ<br>5. Хароҷоти истеъмолӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ<br>6. Дараҷаи маълумот<br>7. Давомнокии умр<br>8. Динамикаи таъмин бо инфраструктураи манзилию коммуналӣ<br>9. Шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ<br>10. Беморӣ ба 1000 нафар аҳолӣ |
| **Экологӣ** (Блок нишондиҳандаҳои экологӣ) | **Таъмини бехатарии экологӣ** |
| | 1. Динамикаи хароҷот барои ҳифзи муҳити зист дар буҷети вилоят<br>2. Динамикаи ҳолати захираҳои замин<br>3. Динамикаи сифати об<br>4. Партови моддаҳои ифлоскунандаи ҳавои атмосфера |

Мақсади ин кор баҳодиҳии вазъи минтақавӣ дар заминаи рушди устувор дар мисоли вилояти Суғд ва аз ҷиҳати таҳлилӣ асоснок кардани хулосаи мувофиқ будани минтақа ба меъёри рушди устувор мебошад.

Вилояти Суғд дорои иқтидори саноатии рушдёбанда мебошад, зеро истеҳсолоти саноатӣ дар сохтори МДМ дар соли 2019 63,5 фоиз ва дар соли 2015 50,9 фоизро ташкил дод, ки ба он саноати истихроҷ (28,5 фоиз), саноати коркард (63,6 фоиз) ва истехсол, тақсим кардани кувваи барқ, газ ва обро (7,9 фоиз) ташкил дод. Дар вилояти Суғд соҳаи кишоварзӣ хуб рушд кардааст, вале бо вуҷуди ин, дар ин минтақа истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ва ҳамчунин истеҳсоли маҳсулоти тайёри металлӣ хуб ба роҳ монда шудааст.

Солҳои охир дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноил шудан ба ҳадафи чоруми стратегӣ – индустрикунонии босуръати кишвар, ки фишанги афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, ки нишондиҳандаи асосии натиҷаҳои иқтисодиёти вилоят — маҳсулоти умумии минтақа гардид, таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда мешавад.. Дар диаграммаи зерин нишон дода шудааст, ки ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд бо ифодаи арзиш дар солҳои 2010-2019, ки бо нархҳои ҷорӣ ҳисоб карда шудааст, мунтазам афзоиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, бо истифода аз графики нишондиҳандаи нисбии МДМ – индекси ҳаҷми физикӣ, метавон ду тамоюли қутбиро дар самт – коҳишро дар солҳои 2012-2015 ва афзоиш дар солҳои 2016-2019 мушоҳида кард. Ба андешаи мо, арзиши ҳадди ақали нишондиҳандаи ҳаҷми физикии маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, ки дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 ба 106 фоиз баробар аст, ба омилҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла беқурбшавии пули миллӣ нисбат ба асъори конвертатсияшаванда вобаста буд, ки дар натиҷаи ин нархи мол зиёд ва даромади реалии аҳолӣ паст шуд.




Расми 2. Динамикаи маҷмӯи маҳсулоти минтақа (млн.сомони) ва индекси ҳаҷми физикии (%) вилояти Суғд барои солҳои 2010-2019

Ҳамаи ин омилҳои берунӣ якҷоя ба динамикаи маблағгузории асосӣ ба иқтисодиёти вилоят таъсир расонданд. Маблағгузории асосӣ ба иқтисодиёти вилояти Суғд аз рӯи арзиш дар солҳои 2010-2019 бо афзоиши ноустувор, бо коҳиши якбора дар соли 2018 тавсиф мешавад, ки ин бо таъхири таъсири манфии таъсири омилҳои макроиқтисодӣ шарҳ дода мешавад. Умуман, ҳаҷми маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ зиёд шуда истодааст, вале нисбат ба МДМ он дараҷаи камшавӣ дорад.




Расми 3. Динамикаи маблағгузории асосӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд барои солҳои 2010-2019

Сабабҳои асосии ноустувории маблағгузориҳои асосӣ кам шудани сармояи хориҷӣ, инчунин мураккаб шудани муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ дониста мешаванд. Аммо, сарфи назар аз ин, таҳлил нишон медиҳад, ки дар ин давра афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мушоҳида карда мешавад.




Расми 4. Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатии вилояти Суғд, миллион сомонӣ

Яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ки устувории рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаро инъикос мекунад, сатҳи бекории аҳолӣ мебошад. Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҷузъҳои асосии рушдро муайян кардааст, ки ба фароҳам овардани шароити умумии рушд, таъмини рушди устувори иқтисодӣ нигаронида шудаанд, ки марҳила ба марҳила амалӣ карда мешаванд. Дар натиҷаи татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳои миллӣ дар соли 2019 сатҳи бекорӣ дар вилояти Суғд 1 фоизро ташкил дод. Аз рӯи ин нишондод дар минтақа тамоюли мусбат мушоҳида мешавад. Дар тамоми давраи таҳлилшуда сатҳи бекорӣ дар минтақа нисбат ба тамоми Тоҷикистон пасттар аст.




Расми 5. Динамикаи сатҳи бекории аҳолии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2019,%

Тамоюлҳои мусбати рушди иқтисодии вилояти Суғд инчунин тамоюли устувори мусбати МДМ-ро, ки ба ҳар як сокини вилоят ҳисоб карда мешавад, дар бар мегирад. Афзоиши нишондиҳанда бо нархҳои ҷорӣ барои солҳои 2010-2019 299,3 фоизро ташкил дод.




Расми 6. Динамикаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Суғд барои солҳои 2010-2019, бо нархҳои ҷорӣ, сомонӣ

Дигар нишондиҳандаҳое, ки устувории рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаро инъикос мекунанд, даромади миёнаи пулии аҳолӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва хароҷоти истеъмолӣ ба ҳисоби миёна ба як нафар мебошад. Дар соли 2019 69,8 фоизи даромади миёнаи пулии ба сари сари аҳолӣ ба харҷҳои истеъмолӣ равона шуда бошад, дар соли 2011 ин нишондод 75,2 фоизро ташкил додааст.




Расми 7. Динамикаи хароҷоти истеъмолӣ ва даромади пулии миёнаи аҳолии вилояти Суғд дар солҳои 2010-2019, сомонӣ

Ҷузъи дигари блоки экологии рушди устувори минтақа партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ба атмосфера (ҳазор тонна) мебошад. Тавре таҳлилҳо нишон доданд, дар байни минтақаҳои Тоҷикистон вилояти Суғд аз рӯи партови моддаҳои ифлоскунанда ба ҳаво дар ҷои сеюм қарор дорад ва дар панҷ соли охир ин нишондод 1,38 маротиба афзудааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар минтақа вазъияти табиию экологӣ вайрон карда шудааст, ки ба ин диққати махсус додан лозим аст.




Расми 8. Динамикаи ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфераи вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2019, ҳазор тонна

Пас аз интихоб ва асоснок кардани нишондиҳандаҳое, ки мақсадҳои рушди минтақаро ба инобат мегиранд, барои ҳар як блок баҳодиҳии сатҳи рушди минтақа гузаронида мешавад. Барои ҳисоб кардани нишондиҳандаи комплексӣ (индекс) барои ҳар як блок ва ба назар гирифтани вазни нишондодҳо, дараҷаи фарқияти онҳо аз рӯи минтақа, муаллиф пешниҳод мекунад, ки усули фарқиятҳои нисбӣ истифода шавад, ки дар як вақт баҳисобгирии арзишҳои мутлақ ва дараҷаи тағйирёбии онҳоро нисбат ба нишондиҳандаи пештара дар бар мегирад.

Барои баҳодиҳии сатҳи рушди минтақа аз рӯи ҳар як блок бояд нишондиҳандаҳоеро, ки самти рушди гуногун доранд, бо истифода аз коэффитсентҳои занҷирӣ ба шакли стандартишуда табдил дод. Коэффисиентҳои занҷирӣ имкон медиҳанд, ки сатҳи рушди минтақаро дар тӯли солҳо пайгирӣ кунанд. Коэффисиентҳои занҷирӣ дараҷаи афзоиш ё камшавии ҳар як нишондиҳандаро вобаста ба самти рушд дар давраи муайян дар ҳиссаҳо ва фоизҳо тавсиф мекунанд. Барои ин, аввал бояд таъсири ҳар як нишондиҳандаро ба ноил шудан ба рушди устувори минтақа - таъсири мусбат ё манфиро муайян кардан лозим аст. Баъд аз ин, формулаи зарурӣ барои ҳисобҳо интихоб карда мешавад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Формулаҳо барои ҳисоб кардани коэффисиентҳои рушди устувори минтақа

| *Самти нишондиҳанда* | *i-нишондиҳанда бояд зиёд шавад* | *i-нишондиҳанда бояд кам шавад* |
|---|---|---|
| Ишораҳо | Зиёдшавии нишондиҳанда рушди устуворро таъмин менамояд | Камшавии нишондиҳанда рушди устуворро таъмин менамояд |
| $ki$ – коэффисиентҳои i-уми нишондиҳанда барои ҳар сол;<br>$Yti$ – қимати i-уми нишондиҳанда дар соли ҷорӣ;<br>$Y_{it-1}$ – қимати i-уми нишондиҳанда дар соли гузашта. | $ki = 1 - (Y_{it-1} / Y ti)$ | $ki = 1 - (Y ti / Y_{it-1})$ |

Ҷадвали 3. Коэффисиентҳои занҷирии нишондиҳандаҳои иқтисодии рушди устувори вилояти Суғд дар солҳои 2011-2019

| **Номгӯй** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмӯи маҳсулоти минтақа | 0,20 | 0,19 | 0,14 | 0,09 | 0,04 | 0,18 | 0,16 | 0,05 | 0,11 |
| Даромад аз фурӯши маҳсулот дар як сол | 0,20 | 0,36 | 0,57 | 0,22 | -0,01 | -0,62 | 0,19 | 0,13 | 0,08 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 0,16 | 0,15 | 0,07 | 0,08 | 0,16 | 0,26 | 0,24 | 0,06 | 0,08 |
| Маҳсулоти хоҷагии қишлок | 0,02 | 0,10 | 0,06 | 0,03 | 0,03 | 0,07 | 0,06 | 0,03 | 0,04 |
| Музди миёнаи меҳнат | 0,22 | 0,23 | 0,22 | 0,14 | 0,07 | 0,10 | 0,24 | 0,06 | 0,02 |
| Муомилоти моли чакана | 0,11 | 0,11 | 0,22 | 0,07 | 0,04 | 0,06 | 0,09 | 0,07 | 0,05 |
| Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | 0,21 | 0,12 | 0,06 | 0,04 | 0,04 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,02 |
| Ҳаҷми муомилоти савдои берунӣ | 0,22 | 0,31 | 0,13 | 0,17 | -0,15 | -0,15 | 0,09 | -0,02 | 0,03 |
| Ҳиссаи хароҷот барои тадқиқот ва конструкторӣ | 0,55 | 0,06 | 0,29 | 0,29 | 0,11 | 0,78 | -0,02 | -0,98 | 0,04 |
| Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ | 0,32 | 0,14 | 0,15 | 0,11 | 0,17 | 0,14 | 0,03 | -0,31 | 0,13 |
| **Индикатори маҷмӯии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ** | **0,82** | **0,63** | **0,76** | **0,47** | **0,31** | **1,07** | **0,44** | **1,04** | **0,22** |

[Ҳисоби муаллиф]

Аз рӯи ҳисобҳо дида мешавад, ки баъзе нишондиҳандаҳо қимати манфӣ доранд, зеро онҳо нисбат ба соли гузашта кам шуда, дар натиҷа нишондиҳандаи комплексӣ оид ба нишондиҳандаҳои иқтисодии рушди устувори вилояти Суғд мушоҳида мешавад, ки минтақа шакли рушди ноустувор дорад. Ба арзиши нишондиҳандаи маҷмӯии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ки ҳадди ниҳоии он дар соли 2016 мушоҳида мешавад, афзоиши хароҷоти соҳаи илм аз ҳисоби буҷети давлатӣ нисбат ба соли қаблӣ (2015) 78 фоиз, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба андозаи 18 фоиз (нисбати соли 2015), инчунин афзоиши хачми махсулоти саноатӣ (нисбати соли 2015) 26 фоиз таъсир расонидааст.Арзиши пасттарини он дар соли 2019 ба мушоҳида мерасад, гарчанде дар ин давра афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба андозаи 11 фоиз мушоҳида мешавад, аммо аз сабаби афзоиши каме дар дигар нишондиҳандаҳо нишондиҳандаи комплексии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба 0,22 баробар шуд. Нишондиҳандаҳои маҷмӯии блоки иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешаванд:

$$Ij = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{n} ki^2}{n}}$$

ки дар ин ҷо: *Ij*- нишондиҳандаи комплексии устувории блоки *j*-ум; *k*i – коэффисиентҳои нишондиҳандаи *i*-ум барои ҳар як давра; *n* - шумораи коэффицентҳои ҳисобшуда.

Ҳамин тариқ, мо барои блоки иҷтимоӣ ва экологӣ нишондиҳандаҳои маҷмӯиро ҳисоб мекунем.

Ҷадвали 4. Коэффисиентҳои занҷирии нишондиҳандаҳои иҷтимоии рушди устувори Вилояти Суғд дар солҳои 2011-2019

| Номгӯй | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сатҳи бекорӣ | -0,11 | -0,06 | -0,07 | -0,07 | 0 | 0 | -0,08 | -0,17 | 0 |
| Даромади пулии миёнаи аҳолӣ ба ҳар сари аҳолӣ | 0,09 | 0,17 | 0,13 | -0,07 | -0,04 | 0,09 | 0,16 | 0,31 | 0,07 |
| Хароҷоти истеъмолӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ | 0,17 | 0,16 | 0,10 | -0,04 | -0,02 | 0,08 | 0,13 | 0,30 | 0,08 |
| Давомнокии умр | 0 | 0 | 0,01 | 0,01 | 0 | 0 | 0,02 | 0 | 0 |
| Шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ | 0,14 | -0,22 | 0,12 | 0,19 | 0,13 | -0,01 | -0,04 | 0,06 | -0,02 |
| Аҳолии қобилияти коридошта | 0,05 | 0,05 | 0,11 | 0,05 | 0,05 | 0,12 | 0,04 | 0,06 | 0,02 |
| Дараҷаи фаъолияти иктисодии аҳолӣ | -0,05 | -0,03 | -0,01 | -0,01 | -0,02 | -0,02 | -0,02 | -0,01 | 0,01 |
| Динамикаи таъмин бо инфраструктураи манзилию коммуналӣ | 0,02 | 0,17 | 0,02 | 0,02 | 0,02 | 0,03 | 0,07 | 0,02 | 0,01 |
| Беморӣ ба 1000 нафар аҳолӣ | 0 | 0,04 | 0,03 | 0 | 0,26 | 0,11 | -0,27 | -0,01 | -0,01 |
| Ҳиссаи аҳолии дорои даромадашон паст аз сатҳи ҳадди ақал | 0,02 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0 | 0,01 | -0,01 | -0,01 |
| **Индикатори маҷмӯии нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ** | **0,28** | **0,38** | **0,24** | **0,22** | **0,29** | **0,21** | **0,36** | **0,47** | **0,11** |

[Ҳисоби муаллиф]

Нишондиҳандаи комплексӣ оид ба нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ низ ноустувор аст, дар ин ҷо таъкид кардан лозим аст, ки дар ба натиҷа афзоиши сатҳи бекорӣ, гирифторшавии аҳолӣ ба ҳар гуна бемориҳо, ҳиссаи аҳолии дорои даромадашон паст аз сатҳи ҳадди ақал ва ҷиноятҳои ошкоршуда таъсири манфӣ мерасонад.. Коҳиши ин нишондодҳо боиси ноил шудан ба ҳадафҳои рушди минтақа мегардад. Аз рӯи ҳисобҳои ҷадвал дида мешавад, ки афзоиши миёнаи даромади

пулии аҳолӣ ба ҳар сари аҳолӣ 31 фоиз (нисбати соли 2017) мушоҳида мешавад, ки дар натиҷа хароҷоти истеъмолӣ ба ҳар сари аҳолӣ 30 фоиз ва инчунин назар ба соли гузашта 17 фоиз кам шудани сатҳи бекорӣ мушоҳида карда мешавад, ки ин боиси афзоиши нишондиҳандаҳои комплексии нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ гардид.

Ҷадвали 5. Коэффисиентҳои занҷирии нишондиҳандаҳои экологии рушди устувори вилояти Суғд дар солҳои 2011-2019

| Номгӯй | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Динамикаи хароҷот барои ҳифзи муҳити зист дар буҷети вилоят | 0,18 | 0,27 | -0,09 | -0,84 | 0,12 | 0,07 | -0,06 | 0,08 | 0,06 |
| Динамикаи ҳолати захираҳои замин | 0 | 0,01 | 0 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0 | 0,01 |
| Динамикаи сифати об | -0,04 | 0,01 | 0,07 | -0,01 | 0 | 0,01 | 0 | 0 | 0 |
| Партови моддаҳои ифлоскунандаи ҳавои атмосфера | -0,24 | -0,19 | -0,14 | -0,21 | -0,04 | -0,13 | -0,07 | -0,10 | -0,17 |
| **Индикатори маҷмӯии нишондиҳандаҳои экологӣ** | **0,30** | **0,33** | **0,18** | **0,86** | **0,13** | **0,15** | **0,09** | **0,13** | **0,18** |

[Ҳисоби муаллиф]

Ба арзиши нишондиҳандаҳои комплексии нишондиҳандаҳои экологӣ бештар партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера таъсир мерасонд, зеро бо 21 фоиз кам шудани ин нишондод афзоиши нишондиҳандаи комплексӣ мушоҳида мешавад. Нишондиҳандаҳои комплексии ба даст овардашуда барои ҳар як блок имкон медиҳанд, ки нишондиҳандаи интегралии сатҳи рушди устувори минтақа муайян карда шавад. Барои ин бояд ба интихоби усули ташаккули нишондиҳандаи интегралии рушди устувори минтақа таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад. Барои ба шакли ягонаи муттаҳидшуда овардани нишондодҳои ҳар як блок усулҳо ва вариантҳои зиёде мавҷуданд. Ба андешаи мо, арзиши миёнаи геометрӣ хеле афзалтар аст, зеро он аҳамият ва мутаносибии ҳар як нишондиҳандаи ба системаи умумии нишондиҳандаҳои рушди устувори минтақа дохилшударо равшан инъикос мекунад. Аз ин рӯ, ҳангоми тағйир додани ягон нишондиҳандаи мушаххас, нишондиҳандаи умумӣ тағйир дода мешавад, ки он тағйирёбии устувории вазъи минтақаро нишон медиҳад. Ҷамъбасткунии нишондиҳандаҳои хусусӣ тибқи формулаи зерин амалӣ карда мешавад:

$$I^{уст} = (I^{иқт} * I^{иҷт} * I^{экол})^{1/3}$$

ки дар ин ҷо: $I^{иқт}$—нишондиҳандаи маҷмӯии блоки иқтисодӣ - устувории иқтисодӣ;
$I^{иҷт}$ — нишондиҳандаи маҷмӯии блоки иҷтимоӣ - устувории иҷтимоӣ;
$I^{экол}$ — нишондиҳандаи маҷмӯии блоки экологӣ – устувории экологӣ;
$I^{уст}$— нишондиҳандаи интегралии рушди устувори минтақа мебошад.




Расми 9. Динамикаи нишондиҳандаҳои интегралии рушди устувори вилояти Суғд дар солҳои 2011-2019

[Ҳисобҳои муаллиф]

Дар расм нишон дода шудааст, ки нишондиҳандаи интегралии рушди устувори вилояти Суғд дар солҳои 2011-2019 каме бошад ҳам, зиёд гаштааст мебошад. Тибқи методологияи пешниҳодшуда, нишондиҳандаи интегралии устуворӣ метавонад дар фосилаи аз $0 \leq I^{уст} \leq 1$ арзиш дошта бошад. Ҳар қадар $I^{уст}$ ба як наздик бошад, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ҳамон қадар устувортар ва баръакс ноустувор мешавад. Ба сифр баробар бошад, инкишофи ичтимоию иктисодии вилоят ҳамон қадар ноустувортар мешавад. Барои равшантар тасаввур кардан ва ба даст овардани маълумот дар бораи вазъи минтақа, зарур аст, ки арзишҳои ҳадди ақали нишондиҳандаи интегралии рушди устувори минтақаро, ки дар ду доира, чор минтақа ва шаш сатҳи устувориро дар бар мегиранд, муқаррар кардан лозим аст, ки дар ҷадвали 6 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 6. Арзишҳои ҳаддии нишондиҳандаи интегралии рушди устувори минтақа

| *Минтақаи устуворӣ* | | *Ҳудудҳои индекс* $I^{уст}$ | *Дараҷаи устуворӣ* |
|---|---|---|---|
| Минтақаи рушди ноустувор | Минтақаи бӯҳрон $0 \leq I^{уст} < 0,25$ | [0;0,1) | Инкишофи пурраи ноустувор, бӯҳрон |
| | | [0,1;0,25) | Рушди ноустувори пеш аз бӯҳрон |
| | Минтақаи устувории интиқодӣ $0,25 \leq I^{уст} < 0,5$ | [0,25; 0,5) | Рушд бо зуҳуроти ноустуворӣ |
| Минтақаи рушди устувор | Минтақаи имконпазири устуворӣ $0,5 \leq I^{уст} < 0,75$ | [0,5;0,75) | Инкишоф ба ҳолати устувор наздик аст |
| | Минтақаи устувории мутлақ $0,75 \leq I^{уст} \leq 1$ | [0,75;0,9) | Рушди устувор |
| | | [0,9;1] | Дараҷаи баланди устуворӣ |

Аз рӯи натиҷаҳои бадастомада метавон хулоса кард, ки вилояти Суғд дар соли 2011 дар минтақаи рушди ноустувор қарор дошта, вазъи минтақа ҳамчун рушд бо зуҳуроти ноустуворӣ арзёбӣ мешавад ва дар соли 2019 минтақа аллакай дар минтақаи устувории қобили қабул қарор дорад, вазъ дар минтақа ҳамчун рушди наздик ба устувор арзёбӣ мешавад. Ба андешаи мо, усули пешниҳодшудаи арзёбии устувории рушди минтақа барои баҳодиҳии вазъи устувории кишвар, иқтисодиёти миллӣ ва мунисипалитетҳо низ мувофиқ аст.

## АДАБИЁТ

1. Ивано Я.М. Моделирование некоторых аспектов устойчивого развития сельских территорий региона / Я.М. Иваньо// Сборник: Climate, ecology, agriculture of Eurasia Materials of the unternational scientific-practical conference.- 2017.-С. 71-81. (дата обращения: 28.04.2021).
2. Макарова, Е.В. Устойчивость экономической системы в условиях глобализации мировой экономики [Текст]: автореф. дис. … к.э.н.: 08.00.05 /Е.В. Макарова. – Улан-Удэ, 2006. – 23 с. (дата обращения: 28.04.2021).
3. Розенберг, Г.С. Устойчивое развитие: мифы и реальность [Текст] /Г.С. Розенберг, Г.П. Краснощеков, Ю.М. Крылов [и др.]. – Тольятти, ИЭВБ РАН,1998. – 191 с. (дата обращения: 11.03.2021).
4. Чайковская, Н.В. Проблемы экономической устойчивости хозяйственной системы региона [Текст] / Н.В. Чайковская // Региональная экономика:теория и практика. – 2005. – № 6. – С. 33-35. (дата обращения: 11.03.2021).
5. Скоморохина, Е.В.Стратегия (концепция)устойчивого развития: перспективы реализации в мире и России / Е.В. Скоморохина //Вест.Воронеж. гос.ун-та.Сер.: Право. -2015.-№4.-С.13-18. (дата обращения: 15.04.2021).
6. Статистический ежегодник Республики Таджикистан по Согдийской области. Агенство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2019.-186 с.
7. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан. Агенство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2019.-483 с.
8. Третьякова, Е.А. Концептуализация понятия устойчивое развитие региона / Е.А. Третьякова, М.Ю.Осипова // Личность и культура. -2016. -№4 (92). – С.43-51. (дата обращения: 15.04.2021).

## REFERENCES

1. Ivanyo Ya.M. Modeling some aspects of sustainable development of rural areas in the region / Ya.M. Ivanyo // Collection: Climate, ecology, agriculture of Eurasia Materials of the international scientific-practical conference. - 2017 .-C. 71-81. (date of treatment: 28.04.2021).
2. Makarova, E.V. The stability of the economic system in the context of globalization of the world economy [Text]: author. dis. … Ph.D .: 08.00.05 / E.V. Makarov. - Ulan-Ude, 2006 .-- 23 p. (date of treatment: 28.04.2021).
3. Rosenberg, G.S. Sustainable development: myths and reality [Text] / G.S. Rosenberg, G.P. Krasnoshchekov, Yu.M. Krylov [and others]. - Togliatti, IEVB RAS, 1998. - 191 p. (date of treatment: 11.03.2021).
4. Saidkhodzhaeva D.M. Formation of an integral indicator for assessing the sustainable development of the region. - Khujand: Bulletin of the PITTU named after academician M.S. Osimi. 2019, No. 4 (13).
5. Socio-economic situation of the Republic of Tajikistan. Statistic agency under the President of the Republic of Tajikistan, 2019.-483 p.
6. Statistic annual of the Sughd Region. Statistic agency under the President of the Republic of Tajikistan, 2019.-186 p.
7. Tchaikovskaya, N.V. Problems of economic sustainability of the economic system of the region [Text] / N.V. Tchaikovskaya // Regional economy: theory and practice. - 2005. - No. 6. - P. 33-35.
8. Tretyakova, E.A. Conceptualization of the concept of sustainable development of the region / E.A. Tretyakova, M.Yu. Osipova // Personality and Culture. -2016. -No. 4 (92). - P.43-51. (date of treatment: 15.04.2021).

УДК 33.05
ББК 30.606

**БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ОБЪЕКТҲОИ САВДОИ ЧАКАНА БО ИСТИФОДАИ МОДЕЛҲОИ ИМИТАТСИОНӢ**

***Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич*** *– унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДИС ДДТТ, e-mail: hamroevb@mail.ru*

**ПОВЫШЕНИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ РОЗНИЧНЫХ ТОРГОВЫХ ОБЪЕКТОВ ПУТЕМ ИМИТАЦИИ МОДЕЛЕЙ**

***Хамроев Бахтиёр Абдунабиевич*** *– соискатель кафедры менеджмента и маркетинга ИЭТ ТГУК, e-mail: hamroevb@mail.ru*

**COMPETITIVENESS INCREASING RETAIL FACILITIES BY MODELS SIMULATION**

***Hamroev Bakhtiyor Abdunabievich*** *– claimant for candidate degree of the department of management and marketing under the IET TSUC, e-mail: hamroevb@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *имитатсия, модел, мағоза, савдои чакана, радиус, рақобат, хизматрасонӣ.*

*Мақолаи мазкур ба масъалаҳои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана бо истифодаи моделҳои имитатсионӣ бахшида шудааст.*

*Дар шароити муосир яке аз шартҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана оқилона ва самаранок ҷойгир намудани онҳо дар мавзеъҳои аҳолинишин ба ҳисоб меравад. Дар мақола масъалаҳои ҷойгир намудани объектҳои савдои чакана бо назардошти радиуси хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва дар заминаи гузаронидани пурсишномаҳои даврагӣ дар байни мизоҷон оварда шудааст, ки барои рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана замина мегузорад.*

***Ключевые слова:*** *имитация, модель, магазин, розничная торговля, радиус, конкуренция, оказание услуг.*

*Данная статья посвящена повышению конкурентоспособности предприятий розничной торговли с использованием имитационных моделей. В современных условиях одним из важных условий повышения эффективности предприятий розничной торговли является их рациональное размещение в населенных пунктах. В статье рассматривается вопрос размещения объектов розничной торговли с учетом спектра услуг, оказываемых населению и на основании периодических опросов среди покупателей, что является основой для повышения конкурентоспособности предприятий розничной торговли.*

***Key words:*** *imitation, model, shop, retail, radius, competition, provision of services.*

*The article under consideration dwells on competitiveness increasing retailers using models simulation. Under contemporary conditions, one of the important conditions aimed at increasing the efficiency of retail trade enterprises is considered to be their rational placement in settlements.*

*As well as, the article deals with the issue concerned with the placement of retail facilities taking into account the range of services provided to the population and based on periodic surveys among buyers which is the grounds targeted at the improvement of retail enterprises competitiveness.*

Шарти муҳими баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана оқилона ҷойгир намудани онҳо ба нуқтаҳои савдои молҳо мебошад, ки барои ин вазъият чунин алгоритмҳо истифода мешаванд:

– ҷараёнҳои савдо;

– траффик – савдо.

Принсипҳои асосии ҷойгир кардани корхонаҳои савдои чакана ҷараёнҳое мебошанд, ки дар марказҳои сераҳолии маҳалҳои шаҳр, яъне дар ҷойҳое, ки ҳаракати асосии одамон мутамарказ шудаанд, ҷойгир намудани мағозаҳо мебошад [5, с. 12]. Дар марҳилаи муосир бештари олимон чунин нуқтаи назарро ба эътибор мегиранд, ки моҳияти он баназаргирии ҷиҳати кори пурсамари мағозаҳои озуқаворӣ бояд се омили асосӣ бошад: «макони ҷойгиршавӣ, макони ҷойгиршавӣ ва макони ҷойгиршавӣ» иборат аст [6, с. 300].

Барои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана шароитҳои мувофиқ заруранд: мавҷудияти талаботи муштариён ба мол ва инфрасохтор, ки ба харидорон имкони харидани молро аз мағозаҳои дуртар аз макони зисташон фароҳам меоварад. Барои ин лозим аст:

– мавҷудияти роҳҳои нақлиёти автомобилӣ (бо назардошти инфрасохтор);

– таъмини харидорон бо нақлиёти шахсии худ;

– мавҷудияти ҷойҳои таваққуфгоҳи нақлиёт;

– таъмин будани харидорон бо камера-яхдонҳо ва дигар техникаҳои маишӣ.

Самаранокии траффик – савдо аз ҳисоби афзалиятҳои самаранок дар мағозаҳои калон, ки дорои қобилияти харидории молро ба миқдори зиёд бо нархҳои нисбатан арзон доранд, афзоиш меёбад. Ғайр аз ин, мағозаҳои калонтарин дорои таҷҳизоти замонавии тиҷоратию технологӣ ва ҳоҷагии пуриқтидори анбор мебошанд, ки бо хароҷоти камтарин барои нигоҳ доштани захираҳои молӣ имкон медиҳад. Ҳадафи харидорони ташрифоваранда ин аст, ки дар гипермаркет молҳоро назар ба мағозаҳои дигар бо нархи арзонтар харидорӣ намоянд. Ин ба харидорон имкон медиҳад, ки хароҷоти нақлиёт ва сӯзишвориро ҳангоми сафари тӯлонӣ сарфа намоянд.

Ба андешаи мо, савдои трафик ба харидор афзалиятҳои назаррас ва гуногун медиҳад. Аммо дар ин алгоритми ташкили савдо ҳанӯз баъзе ҷиҳатҳои манфӣ мавҷуданд. Онҳо асосан бо афзоиши хароҷоти истеъмолӣ алоқаманд мебошанд. Таркиби категорияи хароҷоти истеъмол маълум аст: вақт ва маблағи сарфшуда дар роҳ, вақти азназаргузаронии моли пешниҳодшуда, вақти интихоб, пардохти маблағ ва ғайра. Мағоза, масалан, дар масофаи 50 километр ҷойгир шуданаш мумкин аст. Харидор ҳангоми тай намудани чунин масофа, дар назар дорад, ки барои шинос шудан бо навъҳои мол вақти зиёде сарф мекунад. Чунон ки аз пурсишҳои мо маълум гардид, як гуруҳ харидороне ҳастанд, ки ягон чизе харидорӣ накарда, аксар вақт дар мағоза давр мезананд. Инак, савдои трафик дар баробари хислатҳои мусбӣ, ба фикри мо, камбудиҳо, ба монанди афзудани хароҷоти истеъмол низ дорад.

Муаллифони корҳои илмӣ-тадқиқотии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба фаъолияти корхонаҳои савдои чакана ба шакли супермаркетҳо чунин минтақаҳоро дар қаламрави савдо фарқ мекунанд:

Минтақаи 1 – радиусаш то 4800 метр;

Минтақаи 2 – радиусаш аз 4800 то 6500 метр;

Минтақаи 3 – радиусаш зиёда аз 6500 метр.

Шумораи харидорон бо наздикшавии ҷойгиркунии нуқтаҳои савдои чакана ба маҳалҳои аҳолинишин ба таври назаррас меафзояд.

Ҳамин тариқ, олимони амрикоӣ масофаи ҷойгиршавии харидорони эҳтимолии мағозаи муайяни чаканаро дар радиуси 25 ҳазор метр муайян мекунанд [3, с. 209]. Муаллифони бритонӣ коэффисиентҳои гравитатсионии харидорони ду фурӯшандаи рақобаткунандаро, ки дар шаҳрҳои гуногун ҷойгиранд, муайян карда, мисолҳои ҳисобро барои масофаи 8 мил (12,8 ҳазор метр) [4, с. 214] ва дигарон – 15 мил (24 ҳазор метр) меоранд [2, с. 209]. Ҳисоби мазкур аз харидорон то нуқтаҳои савдо дар масофаи воқеӣ асос ёфтааст.

Э. Ньюмэн ва П. Каллен айнан ҳамин гуна модели асосии сохтори минтақаи савдоро оварда, чунин қайд мекунанд: «Минтақаи аввалин метавонад тақрибан 70%-и истеъмолкунандагон, дуюмин – 20% ва сеюмин – 10%-и истеъмолкунандагони тасодуфиро дарбар гирад. Қиматҳои мушаххаси ададӣ вобаста ба ҷойгиршавӣ ва хусусияти савдои чакана, инчунин хусусиятҳои минтақаҳои ҷуғрофӣ низ фарқ мекунанд” [4, с. 212].

Ҷадвали 1. Таносуби сатҳи хизматрасонӣ бо назардошти талабот дар мавзеъҳои аҳолинишин [4, с. 25].

| Талабот ба мол ва хизматрасонӣ | Радиуси дастрасии минтақавӣ, метр | Номи минтақа | Сатҳи марҳила |
|---|---|---|---|
| Ҳаррӯза | Дастрасӣ бо қадамҳо 300-500 | Микроноҳия | зинаи I |
| Даврӣ | 500-800 | Минтақаи истиқоматӣ | зинаи II |
| Эпизодӣ | 800-1500 | Маркази умумии шаҳрӣ | зинаи III |

Ба фикри мо чунин муносибат ба ташкили системаи хизматрасонии савдои чакана имконият медиҳад, ки мураккабии хизматрасониҳо ба назар гирифта, меъёрҳои хизматрасонӣ муқаррар ва иҷрои онҳо назорат карда шавад (Ҷадвали 1).

**Зинаи 1.** Заминаи асосии ин сатҳи хизматрасонӣ маҳсулоти хӯроквории табиӣ аз ҷониби таъминкунандагони маҳаллии мағозаҳои озуқаворӣ истеҳсолшуда ва ташаккули шабакаи мағозаҳои махсусгардонидашуда, ки дар биноҳои истиқоматӣ сохта шудаанд, иборат аст. Сарфи назар аз он, ки муассисаҳои савдои чакана дар навъи молҳои фурухташаванда миқдори зиёди маҳсулоти ба ҳамдигар алоқаманд дошта бошанд ҳам, ҳамаи онҳоро аз рӯи хусусиятҳои ҷараёни истеҳсол, мӯҳлати нигоҳ доштан, банду баст, бо мақсади риояи меъёрҳои санитарӣ ба як гурӯҳ дохил мекунанд.

**Зинаи 2.** Ба ин марҳила мағозаҳои хӯрокворие дохил мешаванд, ки дар кӯчаҳои серодам дар назди истгоҳҳои автобус ҷойгиранд. Онҳо бо васеъ будани навъҳои маҳсулоти озуқаворӣ, ки қисми зиёди харидоронро ба худ ҷалб карданд, фарқ карда мешаванд. Мағозаҳои озуқаворӣ дорои афзалияти нақлиётӣ буда, дар рӯзҳои истироҳат, танаффуси нисфирузӣ ва ғайра кор карда наметавонистанд, ки ин дастрасии онҳоро ба аҳолӣ маҳдуд мекард.

**Зинаи 3.** Ба ин марҳила мағозаҳои универсалӣ ва супермаркетҳое дохил мешаванд, ки одатан дар марказҳои шаҳрҳои калон ҷойгиранд. Онҳо мебоист бо молҳои эксклюзивӣ, талаботи ягона дошта ва истифодабарии дарозмуддат савдо мекарданд, вале ба инҳо ворид намудани сохторҳои дорои молҳои зинаҳои пештараи хизматрасонии савдо ба аҳолии шаҳр мумкин аст.

Дар айни замон дар онҳо шуъбаҳои молҳои ба зинаҳои 1 ва 2 дахлдоштаро ҷойгир кардан мумкин буд.

Хусусиятҳои тараққиёти ҳозиразамонро ба назар гирифта, бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонии савдо ҷадвалеро дида мебароем, ки сатҳҳои сохтории хизматрасонии савдои шаҳр ва хислатҳои корхонаҳои савдои чаканаро дар бар мегирад. (Ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Тавсифи умумии корхонаҳои шабакаи савдо, ки ба минтақаҳои гуногуни шаҳр хизмат мерасонанд

| Сатҳи хизматрасонии дохилишаҳрӣ | Дастрасӣ | Масоҳати савдо, м$^2$ | Навъҳои молҳо | Усули бартарии хидматрасонӣ | Навъи бинои мағоза |
|---|---|---|---|---|---|
| Маҳаллӣ | Бо қадамҳо | 20-400 | Маҳсулоти талаботи ҳаррӯза дошта | Тавассути пештахта | Дохилшуда, дарунсохт |
| Шаҳрӣ | Нақлиётӣ | Зиёда аз 400 | Навъҳои гуногун | Худхизматрасонӣ | Дарунсохт, мустақилона |

Барои шабакаи шаҳрии муассисаҳои савдои статсионарӣ, ки навъҳои гуногуни маҳсулотро мефурӯшанд, бояд масоҳати фурӯш зиёда аз 400 м² кифоя бошад. Ин имкон медиҳад, ки пешниҳоди маҳсулот ва ташкили хидматрасонии муштариён бо усули худхизматрасонӣ сурат гирад ва имкони ба ҷараёни истеъмолкунандагон мутобиқ шуданро медиҳад, ки он ба талаботи фурӯшандагони шаҳр мувофиқат мекунад. Мағозаҳои аҳамияти маҳдуд дошта чунин нуқтаҳои савдои чакана ҳисоб карда мешаванд, ки молҳои талаботи ҳаррӯза мефурӯшанд ва мағозаҳои махсусгардонидашудаи дорои масоҳати хурди аз 18 то 400 м$^2$ ҳисобида мешаванд.

Минтақаи савдо як қисми ҳудуди он мебошад, ки бо дараҷаи дур будан аз мағоза тавсиф мешавад. Мувофиқи ақидаи М. Леви ва П. Каллен се минтақа мавҷуд аст: наздик, миёна, дур. Сарҳади минтақаи наздикро онҳо на бештар аз 2 – 4 ҳазор метр (дар масофаи 10 дақиқа аз мағоза) муайян мекунанд. Минтақаи миёна дар ҳудуди радиусаш 2-6 ҳазор метр (15-20 дақиқа) ҷойгир аст. Минтақаи дуртар аз 6 ҳазор метр ҷойгир шудааст ва метавонад дар шаҳрҳои калон ба масофаи то 25 ҳазор метр дароз карда шавад [3, с. 80].

Усулҳои дар боло зикршударо таҳлил намуда, оид ба масъалаҳои радиуси минтақаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ ҷадвали зеринро пешниҳод менамоем (Ҷадвали 3):

Ҷадвали 3 – Дастрас будани радиуси хидматрасонӣ

| Минтақа | | Радиус/ метр | Оммаи харидорон | Дақиқаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Дастрас | 2-4 000 | 70 % | 10 |
| 2 | дастрасии миёна | 2-6 000 | 20 % | 15 - 20 |
| 2 | расидан душвор | зиёда аз 6000 | 10 % | бештар аз 25 |

*Таҳияи муаллиф.*

Истифодаи модели Д. Хафф имкон медиҳад, ки андозаи савдои чаканафурӯшонро дар муқоиса бо модели Рейли, ки ба марказҳои савдои калонтар нигаронида шудааст, муайян намоем. Воқеан, ҳангоми баррасии мисоли боло мо дар ин самт як қадам пеш гузоштем. Аз ҷониби Д. Хафф мафҳуми «ҷолибият барои муштарии инфиродӣ»-и мағозаи мушаххас, ки дар минтақаи истиқоматии ӯ ҷойгир аст, ворид карда шудааст.

Нишондиҳандаи нисбии «ҷолиб будани мағоза барои харидор» ҳамчун заминаи ҳисоб гирифта шудааст:

$$A_{ij} = \frac{S_m^a}{T_{ij}^b}, \tag{1}$$

ки дар ин ҷо:

$A_{ij}$ – ҷолибияти мағозаи *j* барои харидори *i*;

*Sj* – андозаи мағозаи *j;*

*Tij* – масофа аз муштарии i то мағозаи j; ин нишондиҳанда бо нишондиҳандаи вақти зарурӣ барои ташриф ба мағоза метавонад иваз карда шавад;

*а* – нишондиҳандаи аҳамиятнокӣ барои харидор аз рӯи андозаи мағоза; дар ҳисобкуниҳо фарз мекунем, ки *а=1* аст;

*б* – нишондиҳандаи аҳамиятнокии масофа то мағоза барои харидор, вақти зарурии рафтан ба мағоза; дар ҳисобҳо мо тахмин мекунем, ки *b = 2* аст.

Ин аз эътирофи он далолат мекунад, ки масофа (вақти) нисбат ба андозаи нуқтаи савдои чакана ба рафтори харидор нисбат ба ҷои хариди мол бештар таъсир мерасонад.

Эҳтимолияти он, ки харидори i мағозаи j-ро афзалтар медонад, бо формула ифода карда мешавад:

$$P_{ij} = \frac{A_{ij}}{\sum A_{ij}}, \tag{2}$$

ки дар ин ҷо:

*Pij* эҳтимолияти он аст, ки мағозаи додашудаи j муштарии i-ро ба худ ҷалб мекунад.

Барои мисол ду мағозаи хӯроквориро дида мебароем, ки масофаи байни онҳо 1200 метр аст; масоҳати савдои мағозаи Душанбе 750 м$^2$, мағозаи «Дирам» 280 м$^2$ мебошад. Бигзор хонаҳое бошанд, ки аз мағозаи калони Душанбе 950 метр ва аз мағозаи на он қадар калони «Дирам» 600 метр дуртар вокеъ бошанд.

Нишондиҳандаи ҷолибияти нисбии як харидори мағозаи калонтар, вале дуртар аз Душанберо ҳисоб мекунем:

$$A_{i1} = \frac{S_1^a}{T_{ij}^b} = \frac{750}{950^2} = \frac{750}{902500} = 0{,}00083.$$

$$A_{i2} = \frac{S_2^a}{T_{ij}^b} = \frac{250}{600^2} = \frac{250}{360\,000} = 0{,}00069$$

Он гоҳ эҳтимолияти ба мағозаи Душанбе омадани харидор чунин хоҳад буд:

$$P_{i1} = \frac{A_{ij}}{\sum A_{ij}} = \frac{0{,}00083}{(0{,}00083 + 0{,}00069)} = 0{,}546$$

Ва эҳтимолияти ташрифи онҳо аз мағозаи хурди “Дирам” чунин хоҳад буд:

$$P_{i2} = \frac{A_{ij}}{\sum A_{ij}} = \frac{0{,}00069}{(0{,}00083 + 0{,}00069)} = \frac{0{,}00069}{0{,}00152} = 0{,}453$$

Вобаста ба ин, мизоҷе, ки дар масофаи қайдшуда аз ду корхонаҳои фурӯши чакана зиндагӣ мекунад, 54,6% имкони интихоби мағозаи калонтарро дорад, гарчанде ки он аз рақиби худ барои харидор дуртар аст, эҳтимолияти хариди мол дар мағозаи хурдтар танҳо 45,3% хоҳад буд.

Бояд қайд кард, ки ҳисобкунии аввал ба арзишҳои муқарраршудаи параметрҳои «а» ва «b» дахл дорад. Дар баробари ин, дараҷаи таъсири параметрҳои баррасишавандаро метавон бо

дигар таносубҳои пешниҳодкардаи муаллифони лоиҳа ва дар асоси дигар арзишҳо ва асоси эмпирикӣ ифода кард.

Ба ғайр аз омилҳое, ки мо истифода мебарем, чунин омилҳо, ба монанди сатҳи нарх, васеъ будани навъҳо ва ғайраро ба кор бурдан мумкин аст, ки ин дар навбати худ чараёни бештар меҳнатталаб мебошад.

Мо истифодаи амалии модели Хаффро дар робита ба танҳо ду харидор баррасӣ кардем. Дар амал шумораи онхо хеле зиёд шуда метавонанд, зеро ин модел имкон медиҳад, ки қиматҳои эҳтимолиятро барои шумораи номаҳдуди фурӯшгоҳҳои чакана ҳисоб кунем. Дар асоси панҷ корхонаи савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд (мағозаҳои «Анис», «Оазис-2», «Муҳайё», «Хуршед+» ва «Амид») хоҷагиҳои хонавода нисбат ба нишондиҳандаҳои ҷолиби диққати нисбиро барои харидорони ин мағозаҳо хисоб мекунем. (Ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. Ҳисоб кардани ҷолибияти нисбӣ
барои харидорони панҷ мағозаи дар наздикӣ ҷойгиршуда

| Мағоза | Масоҳати савдо, м$^2$ | Масофа аз хона то мағоза (Т), метр | Т$^2$ | Нишондиҳандаи ҷолибияти нисбии мағоза j $A_{ij} = \frac{S_j^a}{T_{ij}^b}$ | Эҳтимолияти он ки муштарӣ i мағозаи j-ро афзалтар медонад $P_{ij} = \frac{A_{ij}}{\sum A_{ij}}$ |
|---|---|---|---|---|---|
| «Анис» | 750 | 950 | 902500 | 0,00083 | 0,120 |
| «Оазис - 2» | 680 | 600 | 360000 | 0,00069 | 0,100 |
| «Муҳайё» | 473 | 460 | 211600 | 0,0022 | 0,318 |
| «Хуршед+» | 810 | 824 | 678976 | 0,0011 | 0,159 |
| «Амид» | 724 | 580 | 336400 | 0,0021 | 0,303 |
| Ҳамагӣ | | | | 0,00692 | 1,000 |

*Ҳисобҳои муаллиф*

Дар асоси ҳисобҳои гузаронидашуда хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст. Аввалан, эҳтимолияти ташриф аз ҳар як панҷ корхонаи савдои чакана аз ҷониби харидоре, ки ҷои истиқоматаш дар минтақаи ҷойгиршавии онҳо ҷойгир аст, муайян карда мешавад. Бар асоси дараҷаи пешбинишудаи таъсири ин ду омил, ҷои эҳтимолии харид мағозаи «Анис» (дуюмин калонтарин, вале нисбат ба мағозаи калонтарин ба хонавода хеле наздиктар ҷойгир аст) ба ҳисоб меравад. Аз рӯи таҳлили гузаронидаи мо маълум мегардад, ки мағозаи наздиктарин, вале хурдтар, «Муҳайё», ҷои эҳтимолан камтарини харид аст.

Эътимоднокии ҳисобҳо бо ҷамъ кардани эҳтимолияти ба нуқтаҳои савдои алоҳида рафтани он тасдиқ карда мешавад. Маблағи умумии онҳо бояд як бошад, ки дар сатри поёни сутуни рости ҷадвал инъикос ёфтааст.

Таҳлили ҳисобҳо барои ду ва панҷ мағозаҳо нишон медиҳад, ки бо афзоиши шумораи онҳо, эҳтимолияти ташрифи мизоҷон ба онҳо коҳиш меёбад. Маълум аст, ки агар шумораи мағозаҳо 10 бошад, пас эҳтимолияти миёна тақрибан 10% (100% / 10) ва бо шумораи мағозаҳо 20 будан танҳо 5% (100% / 20) хоҳад буд.

Ҳамин тавр, моделсозии имитатсионии баланд бардоштани рақобатпазирии объектҳои савдои чакана талаботи иқтисодиёти бозоргонӣ буда, амалинамоии он яке аз шартҳои муҳими пешрафти соҳа мебошад. Олимону пажӯҳишгарони масоили мазкур бар он назаранд, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии объектҳои савдои чакана омилҳои ҷойгиршавӣ ва минтақаҳои ҷуғрофӣ таъсир мерасонанд.

## АДАБИЁТ

1. Андреева Е. С. «Проблемы размещения торговой сети в застройке крупного города» / Вестник Удмуртского университета. Серия «Экономика и право» Научный журнал. г. Ижевск № 4 / 2011. С.25
2. Варли Р., Рафик М. Основы управления розничной торговлей. М.: Изд. дом Гребенникова, 2005. – 456 с.
3. Леви М., Вейтц Б. А. Основы розничной торговли / пер. с англ.; под ред. Ю.Н. Каптуревского. СПб.: Питер, 1999. – 448 с.
4. Ньюмэн Э., Каллен П. Розничная торговля: самоорганизация и управление / пер. с англ.; под ред. Ю. Каптуревского. СПб.: Питер, 2005. – 416 с.
5. Практические советы по торговой практике / под ред. Э.С. Гальперина. Одесса: Изд-во журн. «Торговое дело», 1912. Ч. 1-2.
6. Современная логистика. 7-е изд. / пер с англ. М.: Изд. дом «Вильямс», 2004. – 624 с.

## REFERENCES

1. Andreeva E. S. Problems of placement of a trading network in the development of a large city / Bulletin of Udmurt University. Series "Economics and Law" Scientific journal. Izhevsk No. 4 / 2011. - P. 25.
2. Varley R., Rafik M. Fundamentals of retail management. - M.: House of Grebennikov, 2005. - 456 p.
3. Levi M., Weitz B. A. Fundamentals of retail trade / translated from English; edited by Yu.N. Kapturevsky. - St. Petersburg: Peter, 1999. - 448 p.
4. Newman E., Cullen P. Retail trade: self-organization and management / translated from English; edited by Y. Kapturevsky. St. Petersburg: Peter, 2005. - 416 p.
5. Practical advice on trading practice / under the editorship of E.S. Galperin. Odessa: Izd-vo zhurn. "Trade business", 1912. Part 1-2.
6. Modern logistics. The 7th edition / translated from English. - M.: Williams, 2004. - 624 p.

5.2.2. Математические, статистические и инструментальные методы в экономике
5.2.2. Усулҳои математикӣ, статистикӣ ва инструменталӣ дар иқтисодиёт
5.2.2. The mathematical, statistical and instrumental methods in economics

УДК 33.032.9
ББК 6.65

## САМАРАНОКИИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ

***Абдуллаев Акмал Абдуҷабборович*** *- (PhD) докторанти Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”*

## ЭФФЕКТИВНОСТЬ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В СИСТЕМЕ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ

***Абдуллаев Акмал Абдужабборович*** *– (PhD) докторант Государственного образовательного учреждения «Худжандский Государственний университет имени академика Бободжона Гафурова».*

## THE EFFECTIVENESS OF INFORMATION SECURITY IN THE DISTANCE LEARNING SYSTEM

***Abdullayev Akmal Abdughaborovich*** *- (PhD) Doctoral, of the State Educational Institution "Khujand State University named after Academician Bobodzhon Gafurov".*

***Вожаҳои калидӣ:*** *амсиласозӣ, таҳсилоти фосилавӣ, самаранокӣ, амнияти иттилоотӣ, зерсистема, хароҷот, консепсия.*

*Дар мақола доир ба масъалаҳои амсиласозии амнияти иттилоотӣ дар системаи таълими фосилавӣ баррасӣ шудааст. Нишондихандаҳои самараи иктисодии системаи таълими фосилавӣ тасниф карда шудаанд. Амсилаи иқтисодй-математикии таҳияшукдаи хифзи маълумоти таълимии фосилавӣ пешкаш шудааст.*

***Ключевые слова:*** *моделирование, дистанционное обучение, эффективность, информационная безопасность, подсистема, затраты, концепция.*

*В статье обсуждаются вопросы моделирования информационной безопасности в системе дистанционного образования. Классифицированы показатели экономической эффективности системы дистанционного образования. Представлена разработанная экономико-математическая модель защиты данных дистанционного образования.*

***Key words:*** *modeling, distance learning, efficiency, information security, subsystem, costs, concept.*

*The issues of modeling information security in the system of distance learning are considered. The indicators of economic efficiency of the distance learning system are classified. An economic-mathematical model for the protection of distance learning content has been developed.*

Самаранокии низоми таҳсилоти фосилавӣ (НТФ) тавассути таъмин намудани амнияти иттилоотӣ ва ҷорӣ намудани дигар технологияҳои иттилоотӣ ба даст меояд. Барои ҳар як зерсистемаи НТФ, дар навбати худ, тавсия дода мешавад, ки системаи нишондиҳандаҳои кории худро таъсис дода, пас арзёбии ҷудонопазири тамоми системаи таҳсилоти фосилавӣ гузаронида шавад. Аммо ин равиш имкони арзёбии ҷудонопазири НТФ-ро бидуни тасниф ба зерсистемаҳо истисно намекунад. Махсусан, дар марҳилаҳои ибтидоии эҷод ва истифодаи НТФ талабот барои тафсилоти арзёбӣ зиёд аст.

Нишондиҳандаҳои самаранокии НТФ ва зерсистемаҳои он ба гурӯҳҳои зерини нишондиҳандаҳо тасниф карда мешаванд:
- натиҷаи пешрафт;
- самарабахшии таълимӣ;

- нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодӣ (интегралӣ ва инфиродӣ).

Барои ҳар як шарҳи самаранокии таълимии низоми таҳсилоти фосилавӣ, нишондиҳандаҳои худи самаранокии таълим пешниҳод мегардад.

Ду шарҳро баррасӣ мекунем. Якум, таносуби хароҷоти яквақта ва ҷории ба даст овардани самараноки ба худи самаранокии он мебошад. Дуюм, таносуби самаранокии донишандӯзи НТФ ба хароҷоти яквақта барои таҳияи НТФ мебошад.

Барои шарҳи якуми самаранокии донишандӯзӣ, ин арзёбии гузариш аз шакли анъанавии таълим ба таҳсилоти фосилавӣ ё ҳангоми такмили заминаи илмӣ -техникӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Чунин нишондиҳандаҳо ба сифати нишондиҳандаи самаранокии таълим пешниҳод мегарданд [1]:

- коэффитсиенти камшави (афзоиш) дар хароҷоти умумии беҳтар кардани сифати тайёркунии мутахассисон ҳангоми гузариш ба НТФ ё ҳангоми гузариш ба НТФ -и пурра бо ҳаҷми доимии онҳо дар як давраи муайян;
- коэффитсиенти афзоиши (камшавии) хароҷоти таълими мутахассисон аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми омӯзиши онҳо ҳангоми гузариш ба НТФ ё ҳангоми гузариш ба НТФ -и комил аз ҳисоби ҷорӣ кардани технологияи иттилоотӣ (ТИ), бо сифати доимӣ барои як давраи муайян;
- коэффитсиенти кам кардани хароҷоти умумии омодагии мутахассисон бо роҳи кам кардани вақти омӯзиши онҳо ҳангоми гузариш ба НТФ ё ҳангоми гузаштан ба НТФ -и пурра бо ҳамон шумораи шунавандагон ва сифати омӯзиш дар як давраи муайян .

Барои шарҳи дуюм нишондиҳандаи зерини самаранокии таълим ҳангоми гузариш ба НТФ мавриди истифода қарор дода мешаванд:

- коэффитсиенти самаранокии молиявии сармоягузории асосии донишгоҳи муайян, дар муддати ба даст овардан ва татбиқи ТИ дар НТФ -и истифодашаванда, бо мақсади афзун намудани миқдори донишҷӯён, беҳтар кардани сифат ва кам кардани вақти омӯзиши онҳо;
- коэффитсиенти самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои асосии донишгоҳи мазкур, дар як муддати муайян, барои ба даст овардан ва татбиқи ТИ дар НТФ -и истифодашуда ё таъсис додани НТФ бо мақсади беҳтар кардани сифати омодакунии мутахассисон бидуни тағйир додани ҳаҷм ва меъёри муайяни вақти омодагӣ;
- коэффитсиенти самаранокии иқтисодии сармоягузории асосии як донишгоҳи мушаххас дар муддати муайян барои ба даст овардан ва татбиқи ТИ дар НТФ -и истифодашуда ё таъсис додани НТФ бо мақсади баланд бардоштани ҳаҷми омода намудани мутахассисон бидуни тағйир додани сифат ва вақти омӯзиш;
- коэффитсиенти самаранокии молиявии сармоягузориҳои асосии донишгоҳи мушаххас дар муддати муайян барои ба даст овардан ва татбиқи ТИ дар НТФ -и истифодашуда ё таъсис додани НТФ бо мақсади кам кардани вақти омӯзиши мутахассисон бидуни тағйир додани ҳаҷм ва сифати омӯзиш бо ҳамон мақсад.

Барои муайян кардани натиҷаҳои ҷудонопазири самаранокии иқтисодии фаъолияти НТФ нишондиҳандаҳои маълум ва санҷидашударо оқилона бояд истифода бурд [5]:

$Э_i$- натиҷаи солонаи молиявӣ, ки аз ҳисоби ҷорӣ ва амалӣ намудани НТФ ба даст оварда мешавад.

$\overline{Э}_i -$ натиҷаи миёнаи солонаи молиявӣ, ки дар муддати нисбатан тӯлонӣ ҳангоми истифодаи НТФ ба даст омадааст;

$Э_n -$ натиҷаи комили молиявӣ, ки дар давраи ҷорӣ ба даст омадааст;

$E_j -$ коэффитсиенти самаранокии молиявии маблағгузории асосӣ барои таъсис ва татбиқи НТФ;

$T_{ок} -$ мӯҳлати баргардонидани сармоягузории асосӣ.

Қайд кардан лозим аст, ки арзёбии самаранокии системаҳои амнияти иттилоотӣ (САИ), ки муҳофизатро аз дастрасии беиҷозат (ДБ) [5] таъмин мекунанд кори хеле душвор аст. Таҳлили усулҳои мавҷуда оид ба арзёбии самаранокӣ ба мо имкон медиҳад, ки ду гурӯҳи асосиро тасниф намоем. Усули техникии баҳодиҳӣ мундариҷаи гурӯҳи аввали самаранокиро муайян мекунад, аммо, чун қоида, тарафи иқтисодӣ сарфи назар карда мешавад. Дар мавриди дигар, кӯшишҳо барои ба назар гирифтани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ сурат мегиранд. Дар гурӯҳи дувум, хусусиятҳои эҳтимолӣ-муваққатии ҷараёни фаъолият ва хизматрасонии НТФ таҳқиқ карда мешаванд.

Дар (8), арзёбии самаранокии САИ, ки на танҳо барои ҳифзи дороиҳои иттилоотӣ нигаронида шудааст, баррасӣ карда мешавад. Аммо, дороиҳои дигар сарфи назар карда мешаванд, ки онҳо низ ба таҳдидҳои гуногун дучор мешаванд. Меъёрҳои арзёбии самаранокӣ таносуби вақти сарфкардаи вайронкор барои бартараф кардани системаи муҳофизат ва давраи зиндагии дороиҳои иттилоотии ҳифзшаванда мебошанд. Қувваи механизмҳои самаранокии САИ ба таври зерин муайян карда мешавад [5]:

$$P_{СЗИ} = (1 - P_{нр})(1 - P_{обх}),$$

ки $P_{обх}$ - эҳтимолияти бартараф кардани монеа, $P_{нр}$ - эҳтимолияти бартараф кардани механизмҳои муҳофизатӣ дар муддати камтар аз давраи зиндагии иттилоот $P_{СЗИ}$ ; - қувваи механизмҳои муҳофизатӣ.

Бо тадқиқ намудани усули баррасишуда, бояд зикр кард, ки он хеле сатҳӣ аст ва онро танҳо дар якҷоягӣ бо дигар нишондиҳандаҳои фаъолият татбиқ кардан мумкин аст. Ин ба он асос ёфтааст, ки на танҳо иттилоот, балки дигар сарчашмаҳои НТФ метавонанд дороиҳои ҳифзшаванда бошанд.

Дар гурӯҳи дуюми усулҳо барои арзёбии нишондиҳандаҳои фаъолият, бояд усулҳои дар [1, 3, 5] пешниҳодшударо тасниф кард.

Модели дар [5] пешниҳодшуда пешбинӣ мекунад, ки: ҳар як таҳдид бо ду нишондиҳанда тавсиф мешавад: $(P_i)$ - эҳтимолияти амалисозии таҳдид дар фосилаи вақти интихобшуда; ва $(C_i)$, хароҷоти талафоти мустақим дар амалисозии таҳдид $(C_{pi})$ ва хароҷоти рафъи оқибатҳои таҳдид $(C_{li})$. Яъне, $C_i = C_{pi} + C_{li}$.

Истифодаи усулҳои мавриди назар дар асоси истифодаи таҳдидҳои маълум ба миён омадааст. Ҳамин воситаҳо ба андешаи мо, метавонанд барои пешгирӣ, ошкор ва безарар гардонидани бисёр таҳдидҳо мавриди истифода қарор дода мешаванд. Дар робита ба ин, истифодаи усул доир ба ҳисобкунии даромаднокии сармоягузорӣ ғайриқаноатбахш аст.

Арзёбии самаранокии САИ барои ҳолатҳое, ки НТФ дар асоси тиҷорат хидматҳои иттилоотӣ пешкаш мекунад, дар [5] пешниҳод карда шудааст.

Гумон меравад, ки арзиши хизматрасониҳои иттилоотӣ ва ҳисоббарорӣ маълум аст. Ғайр аз он, арзиши иттилоот дар фосилаи вақти баррасишуда барои ҳалли масъалаи i-и намуди j чунин тасвир шудааст:

$$D_j = \sum_{i=1}^{n_j} D_{ij} * P_{ij}^{z}$$
$$d$$

ин ҷо $n_j$- шумораи дархостҳо барои ҳалли масъалаи навъи j;

$P_{ij}^{z}$ - эҳтимолияти вориди барнома барои ҳалли масъалаи i – и масъалаи НТФ навъи j.

Арзиши хизматрасонии иттилоотии *$(D_{ij})$* чунин муайян карда мешавад:

$$D_{ij} = (A_{ij} - B_{ij} - C_{ij} - L_{ij}) * P_{ij}^{res}$$

ин ҷо $A_{ij}$ – нишон додани даромад барои натиҷаҳои дуруст;

$B_{ij}$- нишон додани талафот дар сурати натиҷаҳои бардурӯғи ҳалли мушкилот;

$C_{ij}$- муайян намудани хароҷоти ҳалли масъалаи i-и навъи j;

$L_{ij}$- нишон додани хароҷоти ба масъала алоқаманд ва рафъи камбудиҳои система;

$P_{ij}^{res}$ - нишон додани эҳтимолияти тақсимоти сарчашмаҳо ба барномаи системавӣ, маълумоте, ки дар ҳалли мушкилот истифода мешаванд.

Дар ин ҳолат, саҳми блоки k-и иттилооти j-ро ба D_ijk метавон бо истифода аз сметаи вазни нисбӣ (Y_ijk) ба тариқи зайл муқаррар намуд:

$$D_{ijk} = \frac{D_{ij} * Y_{ijk}}{\sum_{k=1}^{m} Y_{ijk}}$$

$$Y_{ijk} = \frac{D_{ij} - E_{ijk} + \beta(D_{ij} - E_{ijk}) * U_{jk}}{\sum[D_{ij} - E_{ijk} + \beta(D_{ij} - E_{ijk}) * U_{jk}]}$$

Дар ин ҳолат, натиҷае, ки тавассути ҳалли масъалаи i-и навъи j, бидуни блоки $k$ ба даст омадааст, $E_{ijk}$ ва коэффитсиенти мувофиқии барқароркунии блоки $k$ ҳамчун $\beta(D_{ij} - E_{ijk})$ифода карда мешавад. Вақте ки $D_{ij} - E_{ijk}$= 0 ва сипас

$\beta(D_{ij} - E_{ijk}) = 0$, агар $D_{ij} - E_{ijk} = D_{ij}$, баъд $\beta(D_{ij} - E_{ijk}) = 1$;

$U_{jk}$– ин харочоти баркарорсозии блоки иттилоотии $k$ барои масъали навъи j аст;

Шумораи блокҳои иттилоотии марбут ба j оид ба масъала бо m ишора карда мешавад.

Арзиши итилоотии блоки навъи k аз рӯи ҳалли воқеии ҳамаи навъҳо чунин муайян мегардад;

$$D_k = \sum_{j=1}^{h} \sum_{i=1}^{n_j} D_{ijk} * P_{ij}$$

ин ҷо h – миқдори навъи масъалаҳо, ки дар онҳо тафсилот ба назар мерасад.

## ПАЙНАВИШТ

1. Пятибратов А.П. Частные показатели для оценки образовательного эффекта за счет совершенствования системы открытого образования ВУЗа путем внедрения новой техники и технологий. //Сб. научных трудов АС МЭСИ. Выпуск 3.-М.,2004.- С.7-12.
2. Шахзадеян А.М. Применения объектно-ориентированного подхода в системах дистанционного обучения.//Новые информационные технологии в образовании. Сб. научных трудов филиал МЭСИ в г. Ереване. -.2005.-С.31-34.
3. Королев В.И. Морозов Е.В. Методы оценки качества защиты информации при ее автоматизированной обработке // безопасность информациооных технологий 1995 № 2 с.79-87.
4. Герасименко В.А. Защита информации в автоматизированных системах обработки данных - М, Энергоатомиздат, кн 1,2 1994.
5. Малышев С.Л. Модели и организация новых образовательных технологий в системе дистанционного обучения экономического вуза (на примере Московского государственного университета экономики, статистики и информатики). Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук. Москва – 2000.
6. Андреевский Н.А. Подход к построению математической модели СЗИ в компьютерной системе // Безопасность информационных технологий. 1995 № 4 с 16-17.

## REFERENCES

1. Pyatibratov A.P. Partial indicators for assessing the educational effect by improving the open education system of the university through the introduction of new equipment and technologies. // Sat. scientific works of AS MESI. Issue 3.-M., 2004.- p.7-12.
2. Shahzadeyan A.M. Applications of the object-oriented approach in distance learning systems. //New information technologies in education. Sat. scientific papers branch of MESI in Yerevan. -.2005. p.31-34.
3. Korolev V.I. Morozov E.V. Methods for assessing the quality of information protection during its automated processing // security of information technologies 1995 N.2 p.79-87.
4. Melnikov V. Protection of information in computer systems. M.: Finance and statistics, 1997. - 368 p.
5. Malyshev S.L. Models and organization of new educational technologies in the distance learning system of an economic university (on the example of Moscow State University of Economics, Statistics and Informatics). Dissertation for the degree of candidate of economic sciences. Moscow - 2000. p.1-134
6. Andreevsky N.A. Approach to the construction of a mathematical model of the information security system in a computer system // Security of Information Technologies. 1995 N. 4 p.16-17.

УДК: 657.6
ББК: 65.052

# ЦИФРОВИЗАЦИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЁТА И ОТЧЁТНОСТИ СФЕРЫ СОЦИАЛЬНОГО СТРАХОВАНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

***Абдурахмонова Мукадамхон Зокирхоновна*** *- кандидат экономических наук, заведующая кафедрой бухгалтерский учёт, анализ и аудит Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции (Республика Таджикистан, г. Худжанд),*
*e - mail:mukaddam81@gmail.com*

# РАҚАМИКУНОНИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТИ СОҲАИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Абдураҳмонова Муқадамхон Зокирхоновна*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд),*
*e - mail:mukaddam81@gmail.com*

# DIGITALIZATION OF ACCOUNTING AND FINANCIAL STATEMENTS OF SOCIAL INSURANCE SPHERE OF TAJIKISTAN

***Abdurahmonova Muqadamkhon Zokirkhonovna*** *- Candidate of Economic Sciences, Head of Department Accounting, Analyze and Audit of Institute economy and trade of Tajik state university of commerce (Rehublic of Tajikistan, Khujand city),*
*e - mail:mukaddam81@gmail.com*

***Ключевые слова:*** *цифровизация бухгалтерского учёта, сфера социального страхования, SWOT - анализ, «1С: Предприятие».*

*В статье рассмотрены основные аспекты процесса цифровизации экономики Таджикистана в направлении бухгалтерского учёта и отчётности сферы социального страхования. Проведён SWOT - анализ по цифровизации бухгалтерского учёта и финансовой отчётности органов социального страхования, свидетельствующий о необходимости и эффективности перехода к системе цифровой бухгалтерии в Таджикистане. Определенные анализом ограничения и слабые стороны являются стартовой точкой для усовершенствования практикуемых бухгалтерских программ и проведению новой научно-исследовательской работы. Систематизирован период цифровизации бухгалтерского учёта и отчётности в экономических субъектах, в частности, в органах социального страхования.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ, соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ, SWOT - таҳлил, «1С: Корхона».*

*Дар мақола ҷабҳаҳои асосии раванди рақамикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон дар самти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ дида баромада шудааст. SWOT - таҳлили рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии мақомотҳои суғуртаи иҷтимоӣ гузаронида шудааст, ки дар бораи зарурият ва самаранокии гузариш ба низоми рақамии муҳосибот дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Маҳдудиятҳо ва ҷанбаҳои заифи таҳлил нуқтаи огозшавии такомули барномаҳои муҳосибии амалкунанда ва кори илмию тадқиқотии нав мегардад. Давраи рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот дар субъектони иқтисодӣ, алалхусус дар мақомотҳои суғуртаи иҷтимоӣ ба низом дароварда шудааст.*

***Key words:*** *digitalization of accounting, social insurance sphere, SWOT - analysis, “1C: Accounting”.*

*The main aspects of the process of digitalization of the economy of Tajikistan in the direction of accounting and financial statements of social insurance sphere are considered in this article. SWOT - analysis of digitalization of accounting and financial statements of social insurance organs is conducted, which is proved about necessarily and efficiency transition to the system of digital accounting in Tajikistan. Defined limitations and weak aspects of digital accounting are become a start point for improvement of used accounting programs*

*and providing a new scientific research work. The period of digital accounting and reports in economic subjects, as in organs of social insurance are systemized.*

Современная тенденция стремления большинства предприятий и организаций к улучшению в частности органов социального страхования достигается путём введения изменений и внедрений новых технологий и программных продуктов. В связи с этим наблюдается, что также в органах социального страхования ощущаются первые шаги перехода к цифровизации бухгалтерского учёта. Но в настоящее время специалисты бухгалтерского отдела органов социального страхования для ведения бухгалтерского учёта и составления отчётности используют программу Microsoft Excel, которая даёт возможность упростить расчёты по различным видам пособий, в частности, пособий по временной нетрудоспособности, различных видов пенсий и т.д. Но с целью эффективной аккумуляции денежных средств предприятий и организаций целесообразным является использование некоторых бухгалтерских аналитических программ, таких как, «1С: Предприятие» и другие программы, позволяющие вводить первичные документы, вести журнал хозяйственных операций и формировать на его основе все бухгалтерские, налоговые и управленческие отчёты. Наиболее распространенной бухгалтерской программой в Таджикистане является «1С: Предприятие», которую возможно адаптировать к особенностям любого предприятия, также и к бюджетным организациям. Все настройки и подготовка программы до начала бухгалтерской работы на ней обеспечиваются поставщиками бухгалтерских программ, вплоть до введения базовых данных предприятия или вводятся самостоятельно, условия которой зависит от заключенного контракта. Необходимо отметить, что период установки программы начинается с одного месяца до шести месяцев и по необходимости дольше (зависит от объёма деятельности экономического субъекта).

В настоящих условиях унификации стандартов финансовой отчётности и внедрение МСФО стёрты специфические национальные особенности учёта и отчётности хозяйствующих объектов, в частности органов социального страхования Республики Таджикистан [1]. Как и другие предприятия всех форм собственности, так и органы социального страхования в качестве государственного хозяйствующего субъекта примечают положительные стороны перехода на МСФО, посредством которого увеличивается потенциал сотрудничества на зарубежном уровне. Именно здесь напрашивается вопрос, в чём заключается цель зарубежного сотрудничества для органов социального страхования и в каком качестве оно проявляется? В данном аспекте можно подключить зарубежные грантовые проекты по социальной поддержке населения Таджикистана, а также появляется возможность сотрудничества с другими странами по созданию частных пенсионных фондов.

Основным путеводителем по переходу на цифровую экономику является Концепция цифровой экономики Республики Таджикистан от 30 декабря 2019 года, № 642, в котором приводится следующее: «Концепция предусматривает постепенный, поэтапный переход к реализации видения цифровой трансформации в республике [3]. Изначально планируются три этапа до 2040 года. Первый этап до 2025 года, второй этап до 2030 года и третий этап до 2040 года. Все этапы по реализации цифровой трансформации будут также осуществляться в рамках проекта Digital CASA». Итак, уместно отметить, что процесс цифровизации бухгалтерского учёта и отчётности в органах социального страхования также реализуется в рамках установленного этапа внедрения цифровой экономики. Необходимо отметить, что наряду с явными преимуществами и с учётом экономического положения страны проведён SWOT анализ по цифровизации бухгалтерского учёта (табл. 1).

Таблица 1

SWOT - анализ по цифровизации бухгалтерского учёта в Таджикистане

| № п.п. | Сильные стороны (S) | Слабые стороны (W) | Возможности (O) | Ограничения (T) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Упрощенный метод расчётов | Низкий уровень квалификации счётных работников | Единое пространство бухгалтерского учёта | Принятие логически обоснованных решений, что является прерогативой человека |
| 2. | Бухгалтерский учёт за короткий период времени | Снижение расчётных способностей бухгалтеров | Адаптирование бухгалтерских программ по требованиям современного бухгалтерского и управленческого учёта | – |
| 3. | Оперативное формирование бухгалтерской отчётности | Сокращение рабочих мест | Гармонизация бухгалтерского, управленческого и налогового учёта | – |
| 4. | Экспресс управленческий анализ | Возможный риск потери и искажения бухгалтерской информации | Всесторонний охват предприятия программой (не только бухгалтерию, но также отдел кадров, склады и т.д.) | – |
| 5. | Способность использовать инновационные технологии и бухгалтерские программные продукты на высоком уровне | – | Увеличивается возможность бухгалтеров координировать свои интеллектуальные способности не на расчёты, а на принятие логически обоснованных решений | – |
| 6. | Соответствие счётных работников требованиям современного времени | – | – | – |
| 7. | Увеличение возможности бухгалтеров работать на международном уровне | – | – | – |

**Источник:** Составлено автором [2]

По данным проведенного анализа отмечаем, что любая трансформация или реформа влечёт за собой некоторые преимущества и недостатки, в частности открывает какой-то потенциал для развития и совершенствования той или иной системы, но также имеет определенные ограничения. Но, тем не менее, по результатам анализа сильных сторон больше чем слабых, также возможностей больше чем ограничений. В этой связи отмечаем, что по нашим наблюдениям для совершенствования и упрощения процесса бухгалтерского учёта меры по внедрению цифровизации учёта является необходимостью. Но, в силу своих возможностей каждый бухгалтер должен постоянно заниматься саморазвитием, чтобы полностью не быть зависимым от компьютерных программ и инновационных технологий, поскольку основу каждой бухгалтерской программы составляет «специалист-бухгалтер». Поэтому целесообразно отметить, что профессия бухгалтера была и остаётся необходимой и высоко-квалифицированные, компетентные бухгалтера, умеющие способность работать с инновационными технологиями всегда останутся востребованными.

Мы полагаем, что в первый этап можно отнести использование различных компьютерных программ для упрощения расчётов и ведения бухгалтерского учёта и отчётности органов социального страхования. В современных условиях инновационных технологий при помощи компьютерных программ решаются даже самые сложные задачи очень простым способом.

Итак, по нашему мнению последующие шаги перехода в цифровую бухгалтерию органов социального страхования не только способствуют совершенствованию учёта и отчётности, но также способствуют экономии времени на ежедневные расчёты, и не только повысит аналитический потенциал бухгалтеров и делать прогнозные расчёты, но также у управленческого персонала появится возможность принимать логически обоснованные решения.

## ЛИТЕРАТУРА

